$$\mathbf{Y} = 6{,}88+0{,}162X_1 + 0{,}104X_2+0{,}152X_3$$

Таким образом, сегодня среди факторных признаков в развитии экономики доминирующее значение имеют внутренние инвестиции, что предопределяет необходимость как можно большего привлечения потенциала региона в размещение инвестиций. Между тем формирование благоприятной инвестиционной среды не представляется возможным без вмешательства местных органов власти.

В этой связи основными направлениями формирования инвестиционного климата, ориентированного на привлечение инвесторов, должны стать процессы:

- усиления роли региональных органов власти в предоставлении льгот при ведении хозяйственной деятельности отечественным и зарубежным инвесторам;

- создания равных конкурентных условий для хозяйственной деятельности всем инвесторам независимо от формы собственности;

- создания условий, способствующих эффективному размещению капитала как в отраслевом, так и в территориальном разрезе экономики;

- снятия формальных административных барьеров при входе на рынок капитала;

- содействия становлению современной институциональной инфраструктуры инвестиционного рынка в регионах, обеспечивающей трансформацию ресурсов региональной экономики в инвестиции в производство.

Отмеченные тенденции формирования инвестиционного климата способствуют повышению эффективности инвестиций в каждом отдельном регионе Республики Таджикистан, в том числе и в Согдийской области.

Формирование благоприятного инвестиционного климата в регионах страны, в частности в Согдийской области, зависит от эффективного управления инвестиционными рисками. Все это требует активного исследования и адаптации научно - исследовательских, методических, практических составляющих структуры инвестиционного климата. Главное здесь, как показывают результаты исследования опыта стран с устойчивым развитием, – сформировать инвестиционную группу, заинтересовать всех субъектов экономики совершенствованием экономической деятельности. Как раз этого и не наблюдается в кредитовании промышленности и в инвестиционной политике Согдийской области. В результате основная часть инвестиций идёт на приобретение полуфабрикатов и иностранного инвентаря. Иностранных инвесторов в экономике Согдийской области слишком мало.

Тем не менее, в Согдийской области имеется свободная экономическая зона, обладающая хорошими условиями для привлечения иностранных инвестиции.

В целях устранения территориального дисбаланса в развитии страны, повышения занятости населения и обеспечения экономической стабильности целесообразно реализовать следующие мероприятия:

- на основе современных технологий увеличить количество перерабатывающих предприятий и объём производственных мощностей действующих предприятий;

- развивать инфраструктуру исходя из социально-экономического состояния каждого региона и спроса населения;

- предоставить дополнительные льготы для инвесторов, реализующим проекты, направленные на совершенствование сферы обслуживания и сервиса, с учетом отдаленности территории от областного центра.

Таким образом, инвестиционная политика в регионах должна быть нацелена на приоритетное развитие выпуска конкурентоспособной продукции на внешнем рынке, ориентированной на удовлетворение потребностей внутреннего рынка, углубление переработки основных видов сельскохозяйственного сырья. Иными словами, реализация промышленной политики на местах в ближайшей перспективе должна ориентироваться на решение следующих важнейших задач:

- реструктуризацию экономики и усиление её социальной направленности;

- диверсификацию экспортного потенциала;

- достижение экологической безопасности экономики;

- обеспечение занятости населения путем оптимального размещения производительных сил с учетом объемов, разведенности и степени освоенности возобновляемых ресурсов.

В этом контексте для реализации структурных преобразований производительных сил необходимо разработать специальную программу привлечения и размещения инвестиционных проектов в районах и городах Согдийской области на период до 2025 года, содержащую перечень наиболее значимых задач, обеспечивающих реализацию программных положений НСР на период до 2030 года в экономике региона.

С привлечением иностранных технологий намечается осуществить перепрофилирование, в соответствии с изменившимися потребностями сельского хозяйства, мощностей сельскохозяйственного машиностроения, увеличить мощность (в науке и в техноёмких направлениях) машиностроения по производству широкого спектра электротехнической продукции, бытовой техники и приборов, по наращиванию выпуска моторов.

С помощью иностранных инвестиций целесообразно создать качественно новую техническую базу для производства пряжи, шелковых и хлопчатобумажных тканей, верхнего трикотажа, обуви и фарфоровых изделий. Создание широкой сети прядильного производства позволит почти вдвое увеличить в перспективе долю перерабатываемого в регионе хлопкового волокна, что даст возможность в больших масштабах развивать трикотажное, текстильное, швейное производство, расширить ассортимент выпускаемых готовых изделий, улучшить структуру экспортного потенциала региона, увеличить производства многих новых товаров и перейти от их импорта к экспорту.

Значительные резервы по наращиванию экспортного потенциала имеются в горнодобывающей промышленности. Привлечение в отрасль иностранного капитала позволит создать окупаемость в течение 2-3 лет добычи редких полезных ископаемых.

Всё это в совокупности позволит повысить технический уровень мощностей строительного комплекса, качество выпускаемой продукции с доведением его до уровня, отвечающего международным стандартам.

В числе приоритетных направлений использования иностранных инвестиций - создание комплекса мощностей, связанных с укреплением здоровья нации: на базе лекарственных трав, произрастающих в горных районах Согдийской области, должно быть предусмотрено создание совместно с инофирмами производства по выпуску дефицитных медикаментов и препаратов.

В целом прорыв к новому качеству экономического роста в области закладывается на основе формирования комплекса взаимосвязанных отраслей и производств, обеспечивающих последовательные стадии углубленной переработки минерально-сырьевых ресурсов и выпуск готовой наукоемкой и техноёмкой продукции.

## III. ЗАКЛЮЧЕНИЕ

### Основные научные результаты диссертации

Проведенное исследование позволило сформулировать следующие выводы и предложения.

1. В современных условиях, где очевидным является переход к инновационному типу развития, углублению глобализации, усилению конкурентных отношений, для того чтобы обеспечить собственное устойчивое развитие каждого отдельного региона, требуется как можно больше инвестиций, которые зависят от благоприятности условий по их привлечению из внешней и внутренней среды[3-А].

2. В экономической науке много исследований, посвященных выяснению сущности регионального инвестиционного климата. У ученых не существует единой позиции о его содержании. Однако они едины в том, что инвестиционный климат призван охарактеризовать способность каждого отдельного региона в плане их привлечения и размещения, то есть к

приему инвестиций. С этой позиции основное содержание климата охватывает такие элементы, как степень экономической стабильности, доступность ресурсов к использованию, возможные риски на конкретном пространстве и времени[12-А].

3. Компонентами инвестиционного климата в каждом регионе являются его потенциал и возможные риски. К элементам инвестиционного потенциала относятся: природно-ресурсной; производственный; потребительский; инфраструктурный; институциональный; инновационный. Содержание инвестиционного риска состоит из: экономического (упущения в структуре экономики); социального (социальная напряженность); экологического (выбросы вредных веществ); финансового (бюджетные проблемы); криминального (преступность).

4. Оценка инвестиционного климата в регионах представляет теоретический и практический интерес. Однако в этом аспекте пока остаются некоторые трудности, а именно: отсутствие единой общепринятой методики; сложность доступа к количественным показателям; многоаспектность критериев, необходимых для расчета. Среди методик наиболее распространённой является совокупная оценка климата на основе интегральной оценки частных показателей инвестиционного потенциала и инвестиционного риска. Наряду с этим существует экспертный метод, корреляционно-регрессионный анализ и другие[9-А].

5. Отбор частных индикаторов инвестиционного потенциала региона и инвестиционного риска может быть осуществлен главным образом на основе качественного анализа. В число частных показателей могут быть включены темпы промышленного производства, обеспеченность региона автодорогами с твердым покрытием, уровень жизни населения региона, уровень преступности, уровень экологической загрязненности, наличие природных запасов минерально-сырьевых ресурсов и т.д. Необходимость учета таких характеристик объясняется их чрезвычайной важностью для инвесторов. На основе их расчета измеряется комплексный (интегральный) показатель инвестиционного климата.

6. Инвестиции в экономику Согдийской области за 2010-2018 годы существенно выросли и имеют положительный аспект. Однако их объем пока не дает возможности для реализации принципа устойчивого развития и по отношению к ВРП пока остается низким. Все это означает, что экономика области еще не обладает привлекательным инвестиционным климатом[5-А].

7. В экономику Согдийской области основная доля инвестиций приходит из стран дальнего зарубежья. Это означает, что страны дальнего зарубежья либо имеют большой интерес к экономике Согдийской области, либо у них большие финансовые возможности для размещения инвестиций. Поэтому следует принять конкретные институциональные задачи и поставить цель ускорить темпы иностранных капиталовложений в экономику регионов страны, в частности в Согдийскую область, за счет внутренних инвестиций и из стран СНГ[6-А].

8. К городам и районам Согдийской области, использующим собственный инвестиционный потенциал на низком уровне, относятся: город Истиклол, районы Шахристан, Деваштич, Зафарабад, Ашт, Спитамен, где его индекс колеблется в пределах 0,126 – 0,235, или, говоря иначе, инвестиционный потенциал в этих регионах используется всего в пределах 12,6 - 23,5%. К городам и районам, использующим собственный потенциал более продуктивно, в Согдийской области относятся: города Гулистон, Худжанд, Бабаджангафуровский район, Пенджикент, Истравшан, где индекс инвестиционного потенциала колеблется в пределах 0,432 – 0,555.

9. Инвестиционный риск считается интегральным показателем и состоит из определенного набора частных показателей, характеризующих его содержание: экономического, социального, финансового, криминального и экологического риска. Общий интегральный индикатор инвестиционного риска наиболее высоким является в Пенджикенте, в

городах Худжанде и Гулистоне, что связано с высоким значением экологического риска. В Шахристане, Матче, Джабборрасуловском районе высокий риск связан с экономическими и социальными составляющими.

10. На основе индикаторов инвестиционного потенциала и инвестиционного риска произведен сводный расчет среднего показателя инвестиционного климата в процентном измерении за ряд последних лет. В Согдийской области наиболее благоприятный инвестиционный климат имеется в Истаравшанском районе, в г. Гулистоне, Худжанде. Значение инвестиционного климата имеет меньший показатель в городе Истиклоле, в Шахристане.

## Рекомендации по практическому использованию результатов

1. Для активизации регионального рынка инвестирования и повышения его эффективности следует реализовать следующие меры:

- формирование региональных инвестиционных программ с учетом приоритетности, экономической эффективности и социальной значимости [1-А];
- осуществление полной инвентаризации состояния производственных и непроизводственных объектов на предмет степени их использования;
- установление контроля за расходованием средств местных органов власти в части размещения инвестиций;
- расширение внебюджетных источников финансирования инвестиционных проектов на региональном уровне;

2. К приоритетным сферам инвестиционных вложений в Согдийской области можно отнести следующие [5-А]:

- в сельском хозяйстве: мелиорацию земель, интенсификацию аграрного производства, организацию системы заготовки и закупки сельхозпродукции по месту производства;
- в промышленном комплексе: машиностроение, пищевую, обрабатывающую, электроэнергетическую, добывающую промышленность;
- в природном комплексе: углубленную переработку природно-сырьевых ресурсов в освоенных источниках и введение новых;
- в внешней сфере: создание совместных предприятий по производству высокотехнологичной продукции под региональным таджикским брендом [9-А].
- в сфере услуг: развитие туристической индустрии посредством создания в этих целях соответствующей институциональной основы.

3. В плане достижения благоприятного инвестиционного климата считаем необходимой реализацию следующих мер:

- упрощение процедуры создания и открытия предприятий реального сектора экономики, в том числе минимизацию сроков и затрат по организационным вопросам [14-А];
- обеспечение профессиональными квалифицированными кадрами всех контролирующих, надзорных и административных органов власти, установление им достойной заработной платы в целях предотвращения случаев вымогательства и излишнего вмешательства;
- облегчение процедуры выдачи лицензий, упразднение барьеров в практике выдачи различного рода разрешений [7-А];
- организация совместного исследования научных институтов и вузов по исследованию инвестиционного потенциала и оценке инвестиционного риска;
- обеспечение прозрачности, адресности и открытости привлекаемых в экономику региона инвестиций;

- применение мер по искоренению источников, стимулирующих и способствующих развитию коррупции и теневой экономики [10-А];
- усиление ответственности региональных органов власти в привлечении и размещении инвестиций в регионах;
- создание равных конкурентных условий для хозяйственной деятельности всем инвесторам независимо от формы собственности.

Реализация отмеченных мер будет способствовать повышению степени использования инвестиционного потенциала, снижения инвестиционных рисков, что отразится на формировании благоприятного инвестиционного климата в Согдийской области Таджикистана.

## IV. ОСНОВНЫЕ ПУБЛИКАЦИИ ПО ТЕМЕ РАБОТЫ

### а) статьи в ведущих рецензируемых научных журналах из Перечня ВАК при Президенте РТ, рекомендованных для публикации результатов диссертационных исследований:

[1-А] Нуриллоев, Х.Р. На пути к развитию инвестиционного климата в Республике Таджикистан [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2013. - № 2/7 (123). – С. 203-207.

[2-А] Нуриллоев, Х.Р. Роль инвестиций производственных предприятий с участием иностранных капиталовложений в национальной экономике [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2014. - № 2/3 (135). – С. 285-290.

[3-А] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиционный климат в переходной экономике: сущность, содержание и структура [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2014. – № 2/9 (151). – С. 111-116.

[4-А] Нуриллоев, Х.Р. Приоритетные аспекты совершенствования инвестиционного климата в экономической политике Таджикистана [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2015. – № 2/3 (165). – С. 265-270.

[5-А] Нуриллоев, Х.Р. Согдийская область – благоприятный экономический потенциал для инвестиционных проектов [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Учёные записки ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Серия: Естественные и экономические науки. – Худжанд, 2019. - № 4. – С. 122-126.

[6-А] Нуриллоев, Х.Р. Механизми формирования благоприятного инвестиционного климата в современной экономике Согдийской области Республики Таджикистан [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Учёные записки ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Серия: Естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. - № 1. – С. 127-130.

[7-А] Нуриллоев, Х.Р. Некоторые факторы, влияющие на инвестиционный климат в регионе [Текст] / З.А. Самадова, Х.Р. Нуриллоев // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2020. - № 2 (83). – С.48-54.

### б) публикации в других научных изданиях:

[8-А] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиции и цифровая экономика / Х.Р. Нуриллоев // Развитие науки и практика её реализации в период формирования цифровой экономики: материалы республиканской научно-практической конференции (г. Худжанд, 24-25 декабря 2019 г.). - Худжанд, 2019. – С. 167-172.

[9-А] Нуриллоев, Х.Р. Состояние инвестиционного климата Согдийской области Республики Таджикистан: проблемы и особенности / Х.Р. Нуриллоев // Развитие предпринимательской и инвестиционной деятельности в современных условиях: материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 27-28 декабря 2019 г.). – Душанбе, 2019. – С. 64-68.

[10-А] Нуриллоев, Х.Р. Пути и механизмы улучшения инвестиционного климата в современном Таджикистане / Х.Р. Нуриллоев // Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост: материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 6-7 мая 2014 г.). - Душанбе, 2014. – С. 148-155.

[11-А] Нуриллоев, Х.Р. Монетарные аспекты совершенствования инвестиционного климата в экономической политике Таджикистана / Х.Р. Нуриллоев // Тенденции развития экономики и высшего образования в условиях глаболизации: материалы второй международной научно-практической конференции (г. Душанбе,16-17 мая 2014 г.). – Душанбе, 2014. – С. 262-267.

[12-А] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиционный климат [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – Душанбе: Сохибкор, 2011. – № 23. – С. 141-146.

[13-А] Нуриллоев, Х.Р. Социально-экономические особенности инвестиционной деятельности в трансформационной экономике / Х.Р. Нуриллоев // Экономические достижения Республики Таджикистан в годы независимости (сборник статей профессоров, преподавателей и молодых учёных экономических факультетов в честь 80-летия ХГУ имени академика Б. Гафурова). – Худжанд: Нури маърифат, 2012. – С. 134-138.

[14-А] Нуриллоев, Х.Р. Некоторые вопросы совершенствования экономико-правовых основ инвестиционной активносты в Республике Таджикистан / Х.Р. Нуриллоев // Научные горизонты (сборник статей преподавателей и магистрантов факультета телекоммуникаций и информационных технологий). - Худжанд: Нури маърифат, 2017. – С. 58-67.

**МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б. ҒАФУРОВ"**

**УДК:33(575-31):338Т8**
**ББК 65.9(5Т)-86**
**Н-90**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НУРИЛЛОЕВ ХУШБАХТ РӮЗИМАТОВИЧ**

# ТАШАККУЛИ ФАЗОИ МУСОИДИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ
(иқтисодиёти минтақавӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

**Хуҷанд – 2020**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Самадова Заррина Акрамҷоновна,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори раёсати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва рушди инноватсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Дадоҷонова Насиба Мирзоҷоновна,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

Ҳимояи диссертатсия санаи “12” декабри соли 2020 соати $9^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–023 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар сомонаи http://www.tsulbp.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» ___________________ соли 2020 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ**. Таърихи инкишофи тамаддуни инсонӣ дар давраи ретроспективӣ шаҳодат медиҳад, ки дар баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ дар ҳар минтақа захираи истеҳсолие, ки аҳолӣ андӯхтааст ва таҷдид мекунад, нақши ҳалкунанда мебозад. Дар солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи бӯҳронҳои мухталиф дар оғози истилоҳоти бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳо талафи ҷиддии иқтидори истеҳсолӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ибораи дигар, ба ҳар минтақа зарбаи ҷиддӣ расонида шуда буд. Ба мушкилиҳо масъалаҳои зеринро мансуб донистан мумкин аст: тӯлонӣ будани равандҳои мунҷамидӣ дар бахши воқеии хоҷагии миллӣ, маҳдуд шудани имкониятҳои молиявии ҳамаи субъектҳо дар самти сармоягузорӣ, масъалаи камбизоатӣ, талафи кадрҳои касбии аз ҳама боихтисос, деиндустрикони иқтисодиёт ва бисёр масъалаҳои дигар.

Ҳалли масъалаҳои мазкур бидуни сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҳар минтақа хеле мушкил аст. Дар ин самт, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, барои ҷалб ва оптимизатсияи истифодаи сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, дар минтақа ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст, ки ба ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт дар гузоштани сармоя ангеза мебахшад.

Аз рӯи инсоф қайд кардан лозим аст, ки дар давраи қабл аз ислоҳот бахши саноати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми низоми умумии иқтисодии собиқ давлати шӯравӣ буд ва дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбатан пешрафта маҳсуб мегардид. Дар навбати худ, як қисми сармоя барои рушди он аз буҷети умумии Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан, барои корхонаҳои ш.Чкалов (алҳол ш.Бӯстон) ворид мегардид. Дар солҳои ислоҳоти бозорӣ ва ба даст омадани истиқлолият чунин сармоягузориҳои маҷҷонӣ қатъ гардид, зеро ҷумҳурӣ умуман ва ҳар минтақаи он хусусан имрӯз вазифадоранд мустақилона бахши истеҳсолиашонро ба роҳ гузоранд, ба ибораи дигар мунтазири ёрии беруна шудан кори бемантиқ аст.

Дар ҳазорсолаи нав ба туфайли сиёсати оқилонаи ҳукумати ҶТ дар саросари ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд солимгардии вазъият дар бахши истеҳсолии иқтисодиёт ба назар мерасад. Чи тавре ки додаҳои воқеӣ шаҳодат медиҳанд, суръати ҳарсолаи афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) дар вилояти Суғд дар ин давра ба ҳисоби миёна 7,8% [1]-ро ташкил кардааст. Аммо, бо вуҷуди ин, дар иқтисодиёти вилояти Суғд алҳол бисёр масъалаҳо ҳалли худро наёфтаанд. Аввалан, сатҳи қабл аз ислоҳоти бо кор таъмин кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ба даст наомадааст. Дувум, иқтисодиёт ба ҳалли масъалаҳое, аз қабили қафомонӣ дар технология, нарасидани захираҳои сармоявӣ, рушди нокифояи бахши соҳибкории истеҳсолӣ, фарсудашавии баланди фондҳои асосӣ, мавҷудияти технологияҳои кӯҳнашудаи истеҳсолот мусоидат накардааст. Илова бар ин, дар вилояти Суғд воҳидҳои калони саноатӣ, ки пештар бомуваффақият амал мекарданд, бо кор таъмин нашудаанд, воҳидҳои нав бошанд, камшумор ва аз лиҳози ҳаҷм хурдтаранд, ки ин ҳолат ба рушди минтақа таъсири махсус мерасонад.

Аз ин нуқтаи назар дар таъсис ва афзоиши ҷойҳои корӣ, таҳкими рақобатпазирии минтақа, таъмини самарабахшии бахши воқеии вилоят ва ҳалли масъалаҳои бекорӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ масъалаҳои ҷалб ва ҷойгиронии сармоягузориҳо хеле мубрам боқӣ мемонанд, ки онҳоро тавассути ташаккули шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ тавсеа додан мумкин аст.

---

[1] Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд: АОПҶТВСХ. – 2018. – С. 483.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки имрӯз дар рушди минтақаҳо ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рақобатпазирии ҳар низоми минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ имкон медиҳад, яке аз вазифаҳои мубрам ба шумор меравад. Ин нуқта саривақтӣ будан ва зарурати тадқиқи ташакули фазои мусоиди сармоягузориро дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия.** Масъалаҳои фазои сармоягузорӣ дар илм ва амалияи иқтисодӣ бевосита чун объекти махсуси тадқиқоти иқтисодӣ ба қарибӣ, аниқтараш дар нимаи дуввуми қарни гузашта арзи ҳастӣ кардаанд.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки масъалаҳои мазкур қаблан берун аз доираи тадқиқ монда буданд. Онҳо дар қаринаи тадқиқи равандҳои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Аз ҷумла, асосҳои назарии сармоягузорӣ дар асарҳои классикони илми иқтисодиёт А.Смит, Д.Рикардо, Ҷ.С.Милл, К.Маркс, А.Маршалл, Ҷ.Кейнс тарҳрезӣ шудаанд. Минбаъд масъалаҳои ҷойгиронии оптималӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҷамъият дар асарҳои Е.Домар, Р.Харрод, Н.Калдор, В.Леонтйев, Э.Фелпс, Ҷ.Мид, М.Фридмен, У.Ростоу, П.Самуэлсон, В.Нордхаус ва дигарон баррасӣ карда шудаанд.

Дар давраи ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар фазои пасошӯравӣ ба инкишофи назарияи танзими равандҳои сармоягузорӣ олимони иқтисоддони Русия, аз ҷумла Л.Б.Вардомский, С.Ю.Глазйев, А.Г.Гранберг, Е.Г.Ясин, В.А.Краснова, О.Н.Токаева, В.В.Сухинова, Е.А.Закеряев, Е.С.Губанов, И.Г.Фролова ва дигарон саҳми назаррас гузоштанд.

Дар илми иқтисодии Тоҷикистон масъалаҳои фазои сармоягузории ҷумҳурӣ бо назардошти шароитҳои фаъолгардонии супурдаҳои сармоягузорӣ аз ҷониби олимони иқтисоддон, аз ҷумла Т.Н.Назаров, Н.К.Қаюмов, Р.К.Раҳимов, Х.У.Умаров, С.Г.Сафаров, М.М.Ҳасанов, Д.Ф.Одинаев, У.А.Шарипов, С.Д.Комилов, Т.Р.Ризоқулов, А.Бобоев, М.К.Файзуллоев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар асарҳои онҳо ҷанбаҳои мухталифи равандҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла таърихи инкишофи индустрикунонӣ дар минтақаҳои мамлакат ва умуман дар Тоҷикистон; баъзе самтҳои танзими давлатии сармоягузорӣ; нақши сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо; шартҳо ва омилҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Вале ба сабаби масъалаи маҷмӯӣ ва бисёромила будан дар илми иқтисоди ватанӣ ҷанбаҳои минтақавии ташаккули фазои сармоягузорӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Сабабҳои мазкур боиси интихоби мавзӯи диссертатсия гардида, мубрамияти онро машрут месозанд ва ба анҷом расонидани тадқиқи низоммандро тақозо мекунанд.

## I. ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади диссертатсия инкишофи ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ, коркарди асосҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузории минтақавӣ барои ҷалби ҳам сармояҳои хориҷӣ ва ҳам ватанӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур дар диссертатсия ҳаллу фасли вазифаҳои асосии зерин ба назар гирифта шудааст:

- тадқиқ кардани асосҳои назариявӣ, дастгоҳи мафҳумҳо ва аҳамияти фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- асоснок кардани муносибатҳои методӣ ба арзёбии фазои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккули бизнес-фазои мусоид;

- таҳлил кардани вазъи муосири фаъолнокии сармоягузорӣ дар вилояти Суғд ва дар асоси он муайян кардани масоил ва вижагиҳои онҳо;

- арзёбӣ кардани иқтидори сармоягузории вилояти Суғд чун унсури таркибии ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ;

- муайян кардани сатҳи таваккали сармоягузорӣ ва дар ин асос арзёбӣ кардани қимати миқдории фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ва шаҳрҳои вилояти Суғд;

- амсиласозии таъсири омилҳо ба раванди ташаккули мусоидии фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ва коркарди механизми такмили фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Соҳаи тадқиқ.** Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) аз рӯи банди 3.25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии қаламравӣ. Муҳити инвеститсионӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самараноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

**Объекти тадқиқ** муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки бо фаъолнокии сармоягузории ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа марбутанд.

**Предмети тадқиқ** ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

**Асоси назарӣ ва методологии диссертатсияро** асарҳои олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунанд. Барои ошкор сохтани моҳияти масъалаи мавриди баррасӣ додаҳои маҷмӯаҳои оморecho Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, маводи ҳисоботҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди вилояти Суғд, арзёбии экспертии фазои корӣ, ки ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ-иқтисодӣ чоп кардаанд, ташкил намудаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар инкишофи назарияи фазои минтақавии сармоягузорӣ, арзёбии вазъи он дар иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин коркарди маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур меёбад.

**Ба нуктаҳои асосии илмии тадқиқот, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мансубанд:**

- муносибатҳои назарӣ ба тадқиқи фазои минтақавии сармоягузорӣ низомбандӣ намуда, дар асоси он мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии фазои мазкур аниқ карда шудааст. Мувофиқи он, “фазои минтақавии сармоягузорӣ маҷмӯи шароитҳоест, ки дараҷаи дастрасӣ ва истифодаи иқтидори захиравӣ, ҳамчунин сатҳи таваккалҳоеро, ки ба вуруд ё бурунрафти сармоягузорӣ дар фазои маъмурӣ-минтақавии мушаххас таъсир мерасонанд, тавсиф мекунад”;

- мудаллал карда шудааст, ки методикаи ягонаи арзёбии фазои минтақавии сармоягузорӣ вуҷуд надорад, муносибатҳои сершумор, аз ҷумла омилӣ, коршиносӣ, коррелятсионӣ-регрессивӣ ва дигар муносибатҳо мавҷуданд. Пешниҳод гардидааст, ки барои шароити вилояти Суғд методикае қобили қабул мебошад, ки ба арзёбии интегралии маҷмӯаи индикаторҳои хусусии иқтидори сармоягузорӣ ва таваккалҳои сармоягузорӣ асос ёфтааст. Дар ин муносибат нишондиҳандаи фазои сармоягузорӣ чун аломати омилие зуҳур мекунад, ки мундариҷаи фаъолнокии сармоягузориро дар минтақа муайян менамояд;

- исбот карда шудаст, ки ҳарчанд фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳар сол меафзояд, он чун фаъолнокии ғайрикофӣ ва нобаробар ҷойгиршуда арзёбӣ мегардад. Нокофӣ будани он бо далелҳои зерин собит мегардад: ба гирдгардони иқтисодӣ ҷалб нашудани қисми назарраси иқтидори захиравӣ, бо иқтидори пурра кор накардани иқтидорҳои истеҳсолӣ, дархост нашудани нерӯи кории барзиёдии арзон. Нобаробарии ҷойгиронӣ бо далели зерин исбот мешавад: ҳаҷми зиёди сармоягузорӣ асосан дар марказҳои шаҳрӣ, аз ҷумла дар

Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷойгир мешавад, дар ҳоле ки ноҳияҳои кӯҳистон ҳатто дар сурати доштани иқтидори хуб бо сармоягузории паст тавсиф мегарданд;

- арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа пешниҳод гардидааст, ки дар асоси ҳисобкунии қиматҳои ҷузъҳои таркибии он, аз ҷумла истеҳсолӣ, истеъмолӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионӣ амалӣ шудааст. Ошкор карда шудааст, ки индикатори истифодаи иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Зафаробод, Ашт, Спитамен, дар шаҳри Истиқлол дар сатҳи фавқулода паст қарор дорад, ки истифодаи нокофии иқтидори худиро ногузир мегардонад ва зарурати ҷалби сармоягузориро тақозо мекунад;

- қимати миқдории индикатори таваккали сармоягузорӣ бо роҳи ҳисобу китоби нишондиҳандаи интегралии таваккалҳои зерин мавриди таҳлил қарор гирифтааст: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, ҷиноӣ, экологӣ. Асоснок карда шудааст, ки дар ноҳияҳои алоҳида ва шаҳрҳо сабаби сатҳи баланди он афзоиши ҷузъи экологӣ (Панҷакент, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ш.Гулистон, ш.Хуҷанд ва ғайра), дар маҳалҳои дигар (ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Мастчоҳ, ш.Истиқлол ва ғайра) масъалаҳои иқтисодӣ мебошанд. Дар асоси муқоисаи иқтидор ва таваккали сармоягузорӣ қимати миқдории нишондиҳандаҳои фазои сармоягузорӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд муайян карда шуд. Аз ҷумла, ноҳияи Истаравшан, шаҳрҳои Гулистон ва Хуҷанд, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Айнӣ, Панҷакент, Исфара дорои нишондиҳандаҳои беҳтарини сармоягузорӣ мебошанд. Шаҳри Истиқлол, ноҳияи Шаҳристон бо фазои бади сармоягузорӣ тавсиф мегарданд. Шароити ноҳияҳои Деваштич, Ҷаббор Расулов, ш.Бӯстон ва ғайра миёна ба шумор меравад;

- амсилаи иқтисодӣ-математикӣ коркард шудааст, ки дар он имрӯз ба динамикаи ҷалби сармоягузории дохилӣ аз ҳама ҳассос будани тамоюли мусбати афзоиши иқтисодиёти вилояти Суғд мудаллал сохта шудааст. Собит гардидааст, ки амсила зарурати беҳтар намудани фазои сармоягузориро, ки ба ҷалби сармояҳои дохилӣ ба минтақа мусоидат мекунад, асоснок менамояд;

- маҷмӯи тадбирҳо оид ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шудааст, ки имкон медиҳад фаъолнокии сармоягузории ҳам сармоягузорони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар дурнамои дарозмуддат тақвият дода шавад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии кор** дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои онро мумкин аст мақомоти иҷроияи қонунгузор ва ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дар фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар ҳар ноҳия ва шаҳри вилояти Суғд дар дурнамо, ҳамчунин барои қабули қарорҳои илман асоснок оид ба танзими омилҳое, ки дар маҳалҳо ба фаъолнокии сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, истифода баранд. Ғайр аз ин, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳои кори диссертатсиониро мумкин аст мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия, вазоратҳои дахлдор ҳангоми ба вуҷуд овардани шароитҳои муносиб барои баланд бардоштани самарабахшии равандҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат мавриди истифода қарор диҳанд.

Муқаррароти асосии тадқиқи диссертатсионӣ мумкин аст дар раванди таълим ҳангоми тадриси мавзӯъҳои дахлдори курсҳои “Назарияи иқтисод”, “Сармоягузорӣ”, “Макроиқтисодиёт”, “Микроиқтисодиёт” мавриди истифода истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Ҳамаи давраҳои амалигардонии нақшаи тадқиқи диссертатсионӣ, аз ҷумла коркарди мавзӯъ, асосноккунии мубрамият, мақсаду вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтаанд. Муаллиф ба коркарди механизмҳои муносибати стратегӣ ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошт.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқотро мудаллалии методологии методика, ки ба мавқеъҳои назарии илми иқтисодиёт такя менамояд, додаҳои таҷрибавӣ, ки саҳеҳияти фарзияҳои пешниҳодгардидаро тасдиқ карданд, ҳамчунин тасвиби натиҷаҳои ба даст омада таъмин мекунанд.

**Тасвиби диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияи вилоятии илмӣ-амалии “Масъалаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (соли 2008), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии олимону муҳаққиқони ҷавон (соли 2010) ва дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии омӯзгорону донишҷӯёни МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” маърӯза шудаанд. Маводу натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсиониро раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда, маъқул шуморидааст ва ҳангоми таҳияи барномаҳои маҷмӯии баланд бардоштани иқтидори сармоягузории вилоят ва тезонидани суръати рушди иқтисодӣ дар минтақа (маълумотнома дар бораи ҷорикунӣ №29 аз 28.01.2020) мавриди истифода қарор додааст. Муқаррароти назарии диссертатсия дар раванди тадриси курсҳои “Иқтисодиёти ҷаҳонӣ”, “Иқтисодиёти минтақавӣ”, ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои махсуси фанҳои соҳавӣ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” (маълумотнома дар бораи татбиқ №1684 аз 26.11.2019) истифода мешаванд.

**Интишорот.** Аз рӯи маводи тадқиқоти диссертатсионӣ 14 нашрия, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ки ҳашт фаслро дарбар мегирад, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва манбаъҳо иборат аст. Кор 35 ҷадвал, 12 расм дорад.

## II. МУНДАРИҶАИ УМУМИИ КОР

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи тадқиқ исбот карда шудааст, сатҳи таҳқиқи илмии он тавсиф гардидааст, мақсад ва вазифаҳо, объекту предмети тадқиқ муайян шудаанд, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои ба даст омада мудаллал гардидаанд.

Дар боби аввал – **“Асосҳои назарӣ-методии тадқиқи фазои сармоягузорӣ”** – мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва методикаи арзёбии фазои сармоягузории минтақавӣ баррасӣ шудааст, ҳамчунин таҷрибаи хориҷии танзими он мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Дар шароити муосир, ки гузариш ба типи инноватсионии рушд, амиқрафти ҷаҳонишавӣ, тақвияти рақобати байналхалқӣ возеҳу равшан аст, барои таъмини рушд сармоягузорӣ лозим аст. Барои ҷалби сармоя ҳар минтақаи мамлакат бояд фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам орад. Ин кор бошад, пеш аз ҳама асосноккунии назарии онро тақозо мекунад.

Дар мамлакатҳои фазои пасосотсиалистӣ, аз ҷумла Тоҷикистон тадқиқи масъалаҳои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ солҳои истиқлолият оғоз ёфт. Дар бобати таърифи он байни олимон иттифоқи ороъ ба назар намерасад. Вобаста аз хусусияти вазифаҳои ба миён гузошта олимон вариантҳои мухталифи таърифи ин мафҳумро пешниҳод менамоянд, ки ҳам аз лиҳози умқ ва ҳам аз лиҳози вусъати дарбаргирии унсурҳои таркибии фаъолияти сармоягузорӣ дар фазои мушаххас фарқ мекунанд. Ба назари мо муносибати минтақавӣ ҳангоми тадқиқи фазои сармоягузорӣ дар асари олими иқтисоддон А.Мозгоев нисбатан пурра инъикос ёфтааст. Ӯ менависад: “Фазои сармоягузорӣ қобилияти сармоягузориро қабул кардани низоми иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии минтақа аст”[2]. Таърифи мазкур, ба назари мо, бо вуҷуди содагии баён, дар наздикшавии дастгоҳи мафҳумии назарияи иқтисодиёт ба масъалаҳои

---

[2] Могзоев, А. К. Теории инвестиционной привлекательности региона [Текст] / А. К. Могзоев // Инвестиции в России. – 2002. – № 3. – С. 40-41.

ташаккули фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳо қадами ба қадри кофӣ устувор аст. Дар илми иқтисодиёт мавқеъҳои илмии нисбатан сершуморе мавҷуданд, ки мундариҷаи фазои сармоягузориро баррасӣ мекунанд. Баъзеи онҳоро дар ҷадвали 1 меорем.

**Ҷадвали 1. – Таърифҳои “Фазои сармоягузории минтақа”**

| Муаллиф ва нашрия | Таърифи “Фазои сармоягузории минтақа” |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Гусева, К. Ранжирование субъектов РФ по степени благоприятности инвестиционного климата [Текст] / К. Гусева // Вопросы экономики. - 1996. - № 6. - С. 90-99. | Фазои сармоягузории минтақа мушаххасаи интегралии муҳити сармоягузорӣ мебошад, ки дар асоси ҷаззобияти сармоягузории минтақа дар давоми фосилаи тӯлонии вақт (бештар аз 10 сол) ташаккул меёбад ва ба хоҳиши сармоягузори эҳтимолӣ дар бобати гузоштани сармоя таъсир мерасонад. |
| Асаул, А.Н. Инвестиционная привлекательность региона [Текст] / А.Н. Асаул, Н.И. Пасяда // - СПб.СПбГАСУ. -2008. -120с. | Фазои сармоягузории минтақа аз як тараф, тавассути иқтидори сармоягузории ҳудуд ва аз ҷониби дигар – таваккалҳои эҳтимолӣ ташаккул меёбад. Дар навбати худ, ин ду мафҳум аз маҷмӯъҳои томи омилҳо иборатанд. |
| Голайдо, И.М. Инвестиционный климат региона: содержание, структура и проблемы формирования [Текст] / И.М. Голайдо, Е.Е. Уварова // Образование и наука без границ: фундаментальные и прикладные исследования. – 2016. - № 3. – с. 236-242. | Фазои сармоягузории минтақа муҳитест, ки дар он равандҳои сармоягузорие ба амал меоянд, ки таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва омилҳои дигар ташаккул меёбанд ва омилҳои мазкур шароити фаъолияти сармоягузориро дар минтақа ва дараҷаи таваккали сармоягузориро муайян мекунанд. |
| Давлатов, К.К., Сатторов, М.М. Некоторые проблемы совершенствования инвестиционно - кредитных механизмов взаимодействия предприятий и банков [Текст]/ К.К. Давлатов, М.М. Сатторов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2011. – №4. – С. 72-79. | Фазои сармоягузории минтақа маҷмӯи омилҳои мусбату манфӣ мебошад, ки ба афзалиятҳои сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд ва дар он омилҳои мусбат ба омилҳои манфӣ бартарӣ доранд ва рафъи омилҳои манфӣ осон аст. |
| Тагоев, Дж. Х. Механизм формирования благоприятного инвестиционного климата в регионе: автореф. дис. … канд. эконом. наук. Специальность: 08.00.05 / Дж. Х. Тагоев. –Душанбе, 2011. -24 с. | Фазои сармоягузории минтақа имконияти маҷмӯии манбаъҳои ғайридоимии соҳа мебошад, ки ба афзоиши бо сармоя мусаллаҳ будани меҳнат ва қобилияти дар замон таъмин кардани даромади устувори иқтисодии субъектҳоли хоҷагидор, ки бо захираи манбаъҳои мазкур амал мекунанд, имкон медиҳад. |

Идомаи ҷадвали 1

| 1 | 2 |
|---|---|
| Маликов, С.А. Инвестиционный климат региона: проблемы оценки и пути улучшения [Текст] / С. А. Маликов // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2014. – №4. – С. 77-83. | Фазои сармоягузории минтақаро чун имконияти маҷмӯии захираҳои иқтисодии худӣ ва ба минтақа ҷалбшуда муайян кардан мумкин аст, ки фаъолияти сармоягузориро таъмин менамоянд. |
| **Таърифи муаллиф** | **Фазои сармоягузории минтақавӣ маҷмӯи шароитҳоест, ки дараҷаи дастрасӣ ва истифодаи иқтидори захиравӣ, ҳамчунин сатҳи таваккалҳои ба вуруд ё бурунрафти сармоягузориҳо дар фазои муайяни маъмурӣ-минтақавӣ таъсиррасонандаро тавсиф мекунад.** |

***Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Таърифҳои мазкури олимонро ҷамъбаст намуда қайд кардан мумкин аст, ки ба унсурҳои таркибии фазои сармоягузории минтақавӣ иқтидори минтақа ва таваккалҳои имконпазире, ки ба ҷалби захираҳо таъсир мерасонанд, мансубанд. Аз ин нуқтаи назар арзёбии вазъи фазои сармоягузорӣ дар идоракунии фаъолнокии субъектҳои иқтисодиёт аҳамияти калон дорад. Дар илм барои арзёбии онҳо муносибатҳои методии мухталиф истифода мешаванд. Яке аз чунин методҳо методи экспертӣ ба ҳисоб меравад. Вале ин метод хеле субъективӣ буда, вазъи воқеиро маъмулан мулоимтар инъикос мекунад. Методи дигар арзёбии омории баллӣ аст. Он аксаран аз рӯи ягон ҷадвали қиёсӣ мавриди истифода қарор мегирад ва дараҷаи саҳеҳияти додаҳоро тибқи минтақаҳо ба таври пурра инъикос карда наметавонад.

Методи дигари арзёбии вазъи фазои сармоягузории минтақавӣ бо роҳи ҷудо кардани ҷузъҳои таркибии он мавҷуд аст, ки мундариҷаи фазои сармоягузориро дар ягонагӣ шарҳ медиҳад[3]. Схемаи назарии алоқаи мутақобилаи ҷузъҳои таркибиро дар намуди зерин овардан мумкин аст.

---

[3] Литвинова, В.В. Инвестиционная привлекательность и инвестиционный климат региона. [Текст] / В.В. Литвинова // Финансовый университет. – 2013. – 116 с.




**Расми 1. Схемаи сохтории фазои сармоягузорӣ**

Чи тавре, ки аз схема маълум мешавад, ба ҷузъҳои асосии иқтидори сармоягузорӣ мансубанд: иқтидорҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ, истеъмолӣ, молиявӣ, ниҳодӣ, инноватсионӣ, сайёҳӣ ва табиӣ-захиравии минтақа. Ҳар унсури номбаршуда тавассути нишондиҳандаҳои худӣ арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, иқтидори истеҳсолиро ба воситаи таҳлили муқоисавии маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, миқдори корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайра арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҷузъи дигари таркибии фазои сармоягузорӣ таваккали сармоягузорӣ мебошад. Он эҳтимоли талафи сармоягузорӣ ва даромадро тавсиф мекунад, инчунин имкон медиҳад сабаби ба ҳамин минтақа ё мамлакат гузоштан ё нагузоштани сармоя ошкор карда шавад. Барои дурусттар фаҳмидани таваккали сармоягузорӣ нишондиҳандаҳои таркибии онро баррасӣ мекунем: таваккалҳои молиявӣ (қарздории корхонаҳои минтақа, буҷети маҳаллӣ); таваккалҳои иқтисодӣ (таваррум, бекорӣ, фарсуда шудани фондҳои асосӣ); таваккалҳои иҷтимоӣ (даромади аҳолии минтақа, захираҳои меҳнатӣ ва ғайра), таваккалҳои экологӣ (ифлос шудании муҳити зист), таваккалҳои ҷиноӣ (сатҳи ҷинояткорӣ дар минтақа).

Аз лиҳози назария шумораи нишондиҳандаҳои хусусии фазои сармоягузории минтақа, ки онҳоро ба ҳисобу китоби нишондиҳандаи интегралӣ дохил кардан мумкин аст, бузургии беохир калон аст. Барои муайян кардани интегралияти қимати ададии ҳар нишондиҳанда формулаҳои зерин истифода мешаванд[4]:

---

[4] Иваницкая, И. И. Инвестиционный климат региона: проблемы оценки и пути улучшения (на примере Республики Коми): дис. канд. эконом. наук: 08.00.05 / И. И. Иваницкая. – Сыктывкар, 2001. - 23 с.

$$\mathbf{P} = \frac{\mathbf{Pc}}{\mathbf{P\,max}} * \mathbf{100\%};$$

дар ин ҷо, Р – нишондиҳандаи ҳисобшаванда; $P_c$ – қимати нишондиҳанда дар минтақаи мавриди тадқиқ; $P_{max}$ – қимати ҳадди аксар байни ҳамаи минтақаҳо аст.

Барои муайян кардани индикаторҳои иқтидори таваккали сармоягузорӣ дар минтақа формулаи зеринро истифода мебаранд:

$$\boldsymbol{p}(\mathbf{r})_{\mathrm{i}}^{\mathbf{k}} = \frac{\sum_{\mathrm{j}=1}^{\mathbf{m}} \mathbf{Z}_{\mathrm{i}}^{\mathbf{k}}}{\mathbf{m}}$$

дар ин ҷо, $p\ (r)^k_i$ – индикатор – иқтидори (таваккал) хусусии i барои минтақаи k дар соли t; m – миқдори нишондиҳандаҳои хусусӣ, ки индикатор- иқтидори (таваккал) хусусии i-ро барои минтақаи мавриди таҳлил ташакул медиҳанд.

Барои ҳисобкунии қимати ҷамъбастии ҷаззобияти сармоягузорӣ натиҷаҳои ба даст омадаи иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ аз рӯи формулаи зерин ба як нишондиҳандаи ягона оварда мешаванд:

$$\mathbf{ИКt = IPt \times (1 - IRt)}$$

дар ин ҷо, ИКt – фазои сармоягузорӣ дар соли t; IPt, Irt – иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ мутаносибан дар соли t аст.

Байни фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақа ва фазои сармоягузорӣ алоқаи сабабӣ-оқибатӣ мавҷуд аст: аввалан, фазои сармоягузорӣ аломати ҷамъбастии омилӣ (тағйирёбандаи мустақил) аст, дувум фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақа – аломати натиҷабахшӣ (тағйирёбандаи вобаста) аст. Бо суханони дигар, фаъолнокии сармоягузорӣ (Y) функсия аз фазои сармоягузорӣ (X) мебошад, ки муайян кардани он вазифаи хеле муҳим аст.

$$\mathbf{Y = f(X).}$$

Мутаносибан, дар ин ҷо тип ва мушаххасоти ин вобастагии ба таври айнӣ мавҷударо муқаррар кардан мумкин аст, яъне функсияро интихоб кардан имконпазир мебошад. Омӯхтани таҷрибаи хориҷии ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки қариб дар ҳамаи мамлакатҳои фазои пасошӯравӣ масоили шабеҳ, ки аз шароити рушди худии онҳо бармеоянд, мавҷуданд.. Аз ҷумла, заифии соҳаҳои инфрасохторӣ, мавҷудияти норасоиҳо дар санадҳои қонунгузорӣ, камбудиҳои танзими андозӣ, махсусан масъалаи коррупсия.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон солҳои охир нишондиҳандаҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ нисбат ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарӣ дорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки вақтҳои охир фаъолнокии иқтисодӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя рӯ ба афзоиш дорад. Дар ин мамлакатҳо механизми нави сармоягузорӣ ҷорӣ шудааст, ки тибқи он агар субъектҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ маблағ гузорад, аз бисёр намудҳои андоз ва пардохтҳо дар давоми бештар аз 7 сол озод карда мешаванд.

**Дар боби дувум – “Ҳолат ва арзёбии фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд”** динамикаи фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа таҳлил шудааст, иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаст, ҳамчунин фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд арзёбӣ гардидааст.

Амалигардонии бозсозии сохторӣ бо гузаронидании сиёсати фаъолонаи сармоягузорӣ дар минтақаҳо, ки ба беҳтар намудани некӯаҳволии иқтисодии онҳо нигаронида шудааст, алоқаи ҷудонашаванда дорад. Солҳои охир ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғд назаррас афзуд. Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои солҳои охир амалигардида дар расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. – Динамикаи фаъолияти сармоягузорӣ дар вилояти Суғди ҶТ**

Солҳои 2011-2018 сармоягузорӣ тамоюли афзоиш дошт. Масалан, агар соли 2011 он дар вилояти Суғд 116,02 млн.доллари ИМА-ро ташкил карда бошад, соли 2018 он ба 284,23 млн.доллари ИМА расид, ки афзоиш қариб 2,5 баробар аст. Вале он ба таъсиси пояи пуриқтидор барои гузаштан ба рушди индустриалии минтақа имконият фароҳам наовард. Дар соҳаи саноат соли 2010 сармоягузорӣ 77877,0 ҳазор сомониро ташкил карда бошад, соли 2018 ин нишондиҳанда ба 348771,5 ҳазор сомонӣ расид ва афзоиш қариб ба 4,5 баробар гардид. Вале ин ҳаҷм нисбат ба МММ ночиз аст. Масалан, соли 2014 ин нишондиҳанда аз ҳама паст буд ва дар сатҳи 0,41% ба ММД қарор дошт. Соли 2016 он аз ҳама баланд буда, дар сатҳи 1,93%ба ММД қарор дошт. Соли 2018 бошад, ин нишондиҳанда 1,91%-ро ташкил кард[5]. Ба ибораи дигар, алҳол аз нигоҳи ҷалби сармоягузорӣ соҳаи саноати вилояд ҷаззоб нест. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд истифодаи воқеии сармоягузориҳо ҳар сол меафзоянд, ки дар ин бобат додаҳои ҷадвал шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2. – Ҳаҷми сармоягузориҳои истифодашуда тибқи минтақаҳои вилояти Суғди ҶТ дар солҳои 2016-2018 (ҳазор доллари ИМА)**

| Шахр ва ноҳияҳои вилояти Суғд | Сол | | |
|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Айнӣ | 12 726,4 | 30244,9 | 592,8 |
| Ашт | 2 130,5 | 6790,9 | 245,6 |
| Б. Ғафуров | 2 864,49 | 402,7 | 916,0 |
| ш. Бӯстон | 49,70 | 156,7 | 34,8 |
| ш. Гулистон | 7813,78 | 7217,2 | 5991,3 |
| Деваштич | 378,4 | 1964,1 | 1672,5 |
| Зафаробод | 218,61 | 1179,6 | 1064,4 |
| Истаравшан | 227,23 | 1024,5 | 656,4 |

[5] Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд: АОПҶТВСХ. – 2018. – С. 10-344.

Идомаи ҷадвали 2

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| ш. Истиқлол | 108,37 | 266,0 | 175,0 |
| Исфара | 7273,21 | 15395,1 | 1204,6 |
| Конибодом | 694,91 | 4295,8 | 5203,7 |
| Куҳистони Мастчоҳ | 15,0 | - | 8,8 |
| Мастчоҳ | 386,25 | 1137,2 | 548,2 |
| Панҷакент | 5477,93 | 14029,7 | 7058,3 |
| Спитамен | 438,25 | 1869,2 | 421,7 |
| ш. Хуҷанд | 7199,63 | 12530,9 | 22526,2 |
| Ҷ. Расулов | 579,34 | 4406,2 | 4761,7 |
| Шаҳристон | 128,57 | 1347,5 | 693,3 |
| **Ҳамагӣ** | 48710,57 | 104 258,2 | 54 216,2 |

**Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, сарчашма**: Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шаҳри Хуҷанд бо ҳаҷми сармоягузорӣ ба маблағи 22526,2 ҳазор доллари ИМА ё 41,5% ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар вилояти Суғд дар соли 2018 пешсафи сармоягузорӣ дар солимавриди таҳлил мебошад. Ҷои дувумро ноҳияи Панҷакент ишғол мекунад, ки ҳаҷми сармоягузории он 7058,3 ҳазор доллари ИМА ё 13%-и ҳаҷми умумии сармоягузориро дар вилояти Суғд ташкил мекунад ва ғайра.

Дар ин қарина пеш аз ҳама вазъи воқеии фазои сармоягузориро дар иқтисодиёти вилояти Суғд ба таври айнӣ арзёбӣ кардан лозим аст. Вақте ки сухан дар ин бора меравад, ба ҳайси асоси ҳисобкунӣ иқтидор ва таваккали сармоягузории минтақавӣ гирифта мешавад. Дар аввал, чунин унсури таркибии иқтидори сармоягузорӣ, аз қабили истеҳсолиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки дар пойгоҳи ҳисобу китоби ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизмат ба ҳар сари аҳолӣ арзёбӣ мегардад. Соли 2018 аз рӯи ин нишондиҳанда ноҳияҳои Истаравшан, Айнӣ, Панҷакент, шаҳрҳои Гулистон, Бӯстон, Хуҷанд бартарият доштанд. Минтақаҳои мазкур солҳои гузашта низ бартарият доштанд. Аз рӯи ин нишондиҳанда ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Шаҳристонро ба қатори қафомондагон мансуб донистан мумкин аст. Дар дигар ноҳияҳо ҳарчанд қимати ин нишондиҳанда нисбат ба ноҳияҳои қафомонда бештар аст, вале онҳо аз нишондиҳандаи ҳисоби миёнаи вилоят хеле қафо мондаанд.

Ҷузъи дигари таркибӣ иқтидори меҳнатӣ мебошад, ки ба воситаи нишондиҳандаи ҳиссаи аҳолии синни қобили меҳнат нисбат ба тамоми аҳолии минтақа арзёбӣ мешавад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Ҳиссаи аҳолии машғули меҳнат ба % нисбат ба шумораи аҳолии доимӣ**

| Шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд | 2014 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сомонӣ | индекс | сомонӣ | индекс | сомонӣ | индекс | сомонӣ | индекс |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Айнӣ | 27,83 | 0,76 | 23,43 | 0,65 | 22,71 | 0,65 | 22,9 | 0,66 |

Идомаи ҷадвали 3

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашт | 10,36 | 0,28 | 9,92 | 0,28 | 9,78 | 0,28 | 9,7 | 0,28 |
| Б. Ғафуров | 9,99 | 0,27 | 8,58 | 0,24 | 8,46 | 0,24 | 8,48 | 0,24 |
| ш. Бӯстон | 17,23 | 0,47 | 16,23 | 0,45 | 18,23 | 0,52 | 22,13 | 0,63 |
| ш. Гулистон | 22,2 | 0,60 | 22,56 | 0,63 | 21,87 | 0,62 | 21,38 | 0,61 |
| Деваштич | 14,19 | 0,39 | 15,68 | 0,44 | 15,39 | 0,44 | 15,63 | 0,45 |
| Зафаробод | 25,37 | 0,69 | 22,63 | 0,63 | 22,24 | 0,63 | 21,86 | 0,63 |
| Истаравшан | 18,82 | 0,51 | 19,21 | 0,54 | 18,82 | 0,54 | 18,51 | 0,53 |
| ш. Истиқлол | 8,18 | 0,22 | 8,48 | 0,24 | 10,06 | 0,29 | 8,14 | 0,23 |
| Исфара | 12,13 | 0,33 | 12,35 | 0,34 | 12,15 | 0,35 | 11,94 | 0,34 |
| Конибодом | 9,9 | 0,27 | 7,26 | 0,20 | 7,15 | 0,20 | 7,01 | 0,20 |
| Кухистони Мастчоҳ | 36,84 | 1,00 | 35,86 | 1,00 | 35,12 | 1,00 | 34,96 | 1,00 |
| Мастчоҳ | 30,42 | 0,83 | 28,86 | 0,80 | 28,47 | 0,81 | 29,03 | 0,83 |
| Панҷакент | 17,33 | 0,47 | 16,85 | 0,47 | 16,43 | 0,47 | 15,93 | 0,46 |
| Спитамен | 16,08 | 0,44 | 14,81 | 0,41 | 14,7 | 0,42 | 15,03 | 0,43 |
| ш. Хуҷанд | 23,86 | 0,65 | 22,85 | 0,64 | 21,83 | 0,62 | 21,41 | 0,61 |
| Ҷ. Расулов | 16,96 | 0,46 | 17,64 | 0,49 | 17,78 | 0,51 | 17,52 | 0,50 |
| Шахристон | 12,73 | 0,35 | 16,79 | 0,47 | 16,87 | 0,48 | 17,14 | 0,49 |

**Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, сарчашма**: Омори солонаи вилояти Суғд. Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд: АОПҶТВСХ. – 2019. – С. 228.

Аз рӯи ин индикатор ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ – 34,96%, Мастчоҳ – 29,03%, Айнӣ – 22,9%, ш.Бӯстон – 22,13%, Хуҷанд – 21,41% пешсаф мебошанд. Ба қатори қафомондагон он ноҳияҳое дохил мешаванд, ки камтар аз 10% аҳолии дарбаргирифтаро ташкил мекунанд. Аз ҷумла Ашт – 9,7%, Б.Ғафуров – 8,48%, Истиқлол – 8,14%, Конибодом – 7,01%. Сабабҳои сатҳи пасти шумораи аҳолии машғули меҳнат дар ноҳияҳои мазкур сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ва набудани ҷои кор аст. Умуман дар вилоят иштиғол ҳатто ба сатҳи 40% намерасад, ки аз хеле ғайрисамарабахш будани истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар минтақа шаҳодат медиҳад.

Иқтидори истеъмолӣ тавассути индикатори даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ арзёбӣ мегардад. Қимати ҳадди аксари ин нишондиҳанда дар шаҳри Гулистон ба назар мерасад. Индекси аз ҳама паст дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ – 0,37, Деваштич – 0,40, Ашт

– 0,41, Шаҳристон – 0,41, Мастчоҳ – 0,41, Спитамен – 0,44, Ҷаббор Расулов – 0,48, Конибодом – 0,47 дучор мешавад, ки қариб аз нисф ками сатҳи ҳадди аксарро ташкил мекунад[6].

Ҷузъи таркибии дигар иқтидори молиявӣ мебошад, ки тавассути нишондиҳандаҳои буҷет арзёбӣ мегардад. Дар ин самт, ш.Хуҷанд бо қимати ҳадди аксар пешсаф аст. Сипас Б.Ғафуров бо индекси 0,99, Панҷакент – 0,80, Истаравшан – 0,59 ҷойҳоро ишғол мекунанд. Ба гурӯҳи аз ҳама қафомондагон ноҳияю шаҳрҳои зерин мансубанд: Истиқлол – 0,08, Кӯҳистони Мастчоҳ – 0,11, Шаҳристон – 0,14, Зафаробод, Гулистон – 0,20.

Иқтидори табиӣ-захиравӣ тавассути индикатори таносуби майдонҳои минтақа арзёбӣ мешавад. Дар байни ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи масоҳати ишғолкарда ноҳияи Айнӣ бо нишондиҳандаи 20,44% аз ҳама калон ҳисоб мешавад, вале қисми зиёди онро кӯҳистон ташкил мекунад. Айни замон дар ин ҷо қисми зиёди захираҳои ашёи хоми табиӣ ҷойгиранд, ки барои рушди саноати истихроҷ асос шуда метавонад. Пешсафони дигар аз рӯи ин нишондиҳанда ноҳияҳои Панҷакент (14,68%) ва Кӯҳистони Мастчоҳ (14,68%) мебошанд., ки дар ин ноҳияҳо низ кӯҳистон афзалият дорад.

Ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ нишондиҳандаест, ки иқтидори ниҳодиро тавсиф мекунад. Аз рӯи нишондиҳандаи ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ пешсаф ноҳияи Истаравшан аст. 12898 соҳибкори инфиродӣ 4,9% шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил мекунад. Сипас, ба тартиб ноҳияҳои Исфара, Б.Ғафуров, Панҷакент, Ашт, ш.Хуҷанд ва ғайра меоянд. Аз рӯи ин нишондиҳанда шаҳрҳои Истиқлол, Гулистон, ноҳияҳои Шаҳристону Кӯҳистони Мастчоҳ аз ҷумлаи қафомондагонанд.

Дар асоси ҳисобу китоби индикаторҳои хусусӣ мо қимати нишондиҳандаи умумии интегралии иқтидори сармоягузориро дар ноҳияю шаҳрҳои вилояти Суғд муайян кардем.

**Ҷадвали 4. – Иқтидори умумии сармоягузории шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| **Шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд** | **Иқтидор** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Истеъмолӣ** | **Меҳнатӣ** | **Истеҳсолӣ** | **Ниҳодӣ** | **Инноватсионӣ** | **Табиӣ-захиравӣ** | **Молиявӣ** | **Умумӣ-инвеститсионӣ** |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Айнӣ | 0,583 | 0,680 | 0,157 | 0,135 | 0,248 | 0,204 | 0,348 | 0,336 |
| Ашт | 0,378 | 0,280 | 0,049 | 0,375 | 0,075 | 0,111 | 0,433 | 0,243 |
| Б. Ғафуров | 0,508 | 0,248 | 0,072 | 0,795 | 0,300 | 0,105 | 0,993 | 0,432 |
| ш. Бӯстон | 0,615 | 0,518 | 0,079 | 0,170 | 0,055 | 0,001 | 0,198 | 0,234 |
| ш. Гулистон | 1,000 | 0,615 | 0,930 | 0,095 | 1,000 | 0,001 | 0,245 | 0,555 |
| Деваштич | 0,350 | 0,430 | 0,044 | 0,230 | 0,015 | 0,064 | 0,403 | 0,219 |
| Зафаробод | 0,343 | 0,645 | 0,112 | 0,315 | 0,073 | 0,016 | 0,205 | 0,244 |
| Истаравшан | 0,423 | 0,530 | 0,964 | 0,705 | 0,160 | 0,028 | 0,613 | 0,489 |
| ш. Истиқлол | 0,518 | 0,245 | 0,002 | 0,025 | 0,010 | 0,000 | 0,085 | 0,126 |

[6] Солномаи омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АОПҶТ. – 2019. – С. 74-75.

Идомаи ҷадвали 4

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Исфара | 0,480 | 0,340 | 0,034 | 0,815 | 0,138 | 0,032 | 0,625 | 0,352 |
| Конибодом | 0,418 | 0,218 | 0,036 | 0,555 | 0,078 | 0,032 | 0,430 | 0,252 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 0,258 | 1,000 | 0,139 | 0,065 | 0,000 | 0,147 | 0,115 | 0,246 |
| Мастчоҳ | 0,310 | 0,818 | 0,081 | 0,350 | 0,083 | 0,040 | 0,325 | 0,287 |
| Панҷакент | 0,680 | 0,468 | 0,107 | 0,480 | 0,510 | 0,147 | 0,810 | 0,457 |
| Спитамен | 0,403 | 0,425 | 0,085 | 0,290 | 0,108 | 0,016 | 0,318 | 0,235 |
| ш. Хуҷанд | 0,700 | 0,630 | 0,073 | 0,825 | 0,365 | 0,002 | 0,988 | 0,512 |
| Ҷ. Расулов | 0,400 | 0,490 | 0,118 | 0,310 | 0,063 | 0,012 | 0,350 | 0,249 |
| Шаҳристон | 0,320 | 0,448 | 0,078 | 0,140 | 0,013 | 0,044 | 0,140 | 0,169 |

***Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Ба шаҳру ноҳияҳое, ки иқтидори худии сармоягузориашонро дар сатҳи хеле паст истифода мебаранд, ш.Истиқлол бо индекси 0,126, сипас ноҳияҳои Шаҳристон (0,169), Деваштич (0,219), Зафаробод (0,244), Ашт (0,243), Спитамен (0,235) ва ғайра мансубанд. Сабаби ин ҳолат ба қадри кофӣ ҷалб нашудани иқтидори табиӣ-захиравӣ, инноватсионӣ ва истеҳсолӣ мебошад. Ба минтақаҳое, ки иқтидори сармоягузориашонро нисбатан сермаҳсул истифода мебаранд, шаҳрҳои Гулистон (бо индекси 0,555), Хуҷанд (0,512), ноҳияҳои Б.Ғафуров (0,432), Панҷакент (0,457), Истаравшан (0,489) мансубанд. Ин нишондиҳандаҳо асосан аз ҳисоби истифодаи нисбатан самарабахши иқтидорҳои истеъмолӣ, истеҳсолӣ, ниҳодӣ, молиявӣ ба даст омадааст.

Ҳолати таваккали сармоягузорӣ дар минтақа, ки аз маҷмӯи таваккалҳои хусусӣ иборат аст, ҷузъи дигари таркибии фазои сармоягузорӣ эътироф мешавад. Аз ҷумла таваккали якум – таваккали иқтисодӣ мебошад, ки сатҳи таваррум, бекорӣ, вазни қиёсии истеҳлоки андӯхтро дар арзиши фондҳои асосӣ пешбинӣ мекунад ва ғайра.

Байни онҳо шумораи бекоронеро, ки дар идораи агентии меҳнат ва шуғли аҳолии минтақа сабти ном кардаанд, баррасӣ мекунем (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Шумораи бекорон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 1000 нафар**

| **Шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд** | 2014 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | нафар | индекс | нафар | индекс | нафар | индекс | нафар | индекс |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Айнӣ | 35,89 | 0,25 | 11,9 | 0,08 | 26,79 | 0,29 | 29,48 | 0,32 |
| Ашт | 50,99 | 0,36 | 53,48 | 0,35 | 51,67 | 0,55 | 29,09 | 0,31 |
| Б. Ғафуров | 29,36 | 0,21 | 20,23 | 0,13 | 14,15 | 0,15 | 8,02 | 0,09 |
| ш. Бӯстон | 92 | 0,65 | 53,04 | 0,35 | 80,91 | 0,87 | 93,56 | 1,00 |
| ш. Гулистон | 133,64 | 0,94 | 118 | 0,77 | 84,08 | 0,90 | 73,79 | 0,79 |
| Деваштич | 42,45 | 0,30 | 54,44 | 0,36 | 48,76 | 0,52 | 38,86 | 0,42 |
| Зафаробод | 12,76 | 0,09 | 52,76 | 0,35 | 27,49 | 0,29 | 46,69 | 0,50 |

Идомаи ҷадвали 5

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истаравшан | 29,98 | 0,21 | 32,78 | 0,21 | 22,78 | 0,24 | 22,32 | 0,24 |
| ш. Истиқлол | 82,39 | 0,58 | 61,21 | 0,40 | 71,01 | 0,76 | 59,88 | 0,64 |
| Исфара | 42,8 | 0,30 | 40,97 | 0,27 | 33,61 | 0,36 | 28,71 | 0,31 |
| Конибодом | 39,18 | 0,28 | 41,83 | 0,27 | 29,93 | 0,32 | 20,2 | 0,22 |
| Куҳистони Мастчоҳ | 85,09 | 0,60 | 29,54 | 0,19 | 24,38 | 0,26 | 39,84 | 0,43 |
| Мастчоҳ | 35,01 | 0,25 | 61,05 | 0,40 | 60,11 | 0,64 | 56,54 | 0,60 |
| Панҷакент | 43,41 | 0,31 | 34,51 | 0,23 | 32,48 | 0,35 | 16,2 | 0,17 |
| Спитамен | 61,07 | 0,43 | 55,8 | 0,37 | 58,23 | 0,62 | 41,48 | 0,44 |
| ш. Хуҷанд | 39,66 | 0,28 | 23,3 | 0,15 | 26 | 0,28 | 42,6 | 0,46 |
| Ҷ. Расулов | 96,24 | 0,68 | 65,87 | 0,43 | 58,63 | 0,63 | 43,9 | 0,47 |
| Шаҳристон | 141,82 | 1,00 | 152,59 | 1,00 | 93,49 | 1,00 | 64,79 | 0,69 |

**Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, сарчашма**: Омори солонаи вилояти Суғд. Саридораи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд: АОПҶТВСХ. – 2019. – С. 81-84.

Шумораи бекорон ба 1000 нафар аҳолӣ дар солҳои 2014-2017 дар ноҳияи Шаҳристон, соли 2018 бошад дар ш.Бӯстон аз ҳама зиёд буд. Аз рӯи ин нишондиҳанда ҷойҳои дигарро ш.Гулистон бо индекси 0,79, ш.Истиқлол (64), ноҳияҳои Мастчоҳ (0,60), Спитамен (0,44), Ҷ.Расулов (0,47), Зафаробод (0,50) ишғол мекунанд.

Таваккали экологӣ, ки тавассути ба атмосфера партофтани моддаҳои ифлоскунанда арзёбӣ мегардад, ҷузъи дигари таркибии таваккали сармоягузорӣ ба шумор меравад. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилоят аз рӯи ин нишондиҳанда пешсафон ш.Гулистон, ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ бо индекси 0,38, Исфара ва Ҷаббор Расулов (0,31), Б.Ғафуров (0,28), ш.Хуҷанд (0,28) ба ҳисоб мераванд. Сабаб ҳамоно нисбатан рушд ёфтани саноат дар ин минтақаҳо мебошад. Дар ноҳияҳои Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, ш.Истиқлол ин индикатор бузургиҳои ба қадри кофӣ камро ташкил мекунад.

Ҳангоми арзёбии таваккали ҷиноӣ шумораи ҷиноятҳои ба 10 000 нафар аҳолӣ ба қайд гирифта асос гардид. Дар давраи мавриди таҳлил солҳои 2014-2018 ба 10 000 аҳолӣ шумораи аз ҳама зиёди ҷиноят дар ш.Хуҷанд ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, соли 2014 ин нишондиҳанда 1073-ро ташкил карда бошад, соли 2018 ба 1364 расид, ки афзоиш ба 1,27 баробар буд[7].

Дар асоси ҳисобу китоби индикаторҳои хусусӣ мо нишондиҳандаи умумии интегралии таваккали сармоягузориро муайян кардем (ҷадвали 6).

[7] Солномаи омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АОПҶТ. – 2019. – С. 117-118.

**Ҷадвали 6. – Арзёбии умумии таваккали сармоягузорӣ дар вилояти Суғд**

| Шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд | Таваккал | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Иқтисодӣ** | **Иҷтимоӣ** | **Ҷиноятӣ** | **Экологӣ** | **Умумӣ - инвеститсионӣ** |
| Айнӣ | 0,23 | 0,42 | 0,08 | 0,27 | 0,25 |
| Ашт | 0,39 | 0,62 | 0,21 | 0,04 | 0,32 |
| Б. Ғафуров | 0,14 | 0,49 | 0,55 | 0,30 | 0,37 |
| ш. Бӯстон | 0,72 | 0,39 | 0,23 | 0,01 | 0,34 |
| ш. Гулистон | 0,85 | 0,00 | 0,16 | 0,78 | 0,45 |
| Деваштич | 0,40 | 0,65 | 0,17 | 0,05 | 0,32 |
| Зафаробод | 0,31 | 0,67 | 0,13 | 0,03 | 0,28 |
| Истаравшан | 0,23 | 0,58 | 0,34 | 0,03 | 0,29 |
| ш. Истиқлол | 0,60 | 0,48 | 0,04 | 0,00 | 0,28 |
| Исфара | 0,31 | 0,53 | 0,38 | 0,22 | 0,36 |
| Конибодом | 0,27 | 0,58 | 0,29 | 0,06 | 0,30 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 0,37 | 0,74 | 0,03 | 0,00 | 0,29 |
| Мастчоҳ | 0,47 | 0,69 | 0,16 | 0,07 | 0,35 |
| Панҷакент | 0,26 | 0,32 | 0,32 | 1,00 | 0,48 |
| Спитамен | 0,47 | 0,60 | 0,21 | 0,06 | 0,33 |
| ш. Хуҷанд | 0,29 | 0,30 | 1,00 | 0,21 | 0,45 |
| Ҷ. Расулов | 0,55 | 0,60 | 0,25 | 0,17 | 0,39 |
| Шаҳристон | 0,92 | 0,68 | 0,07 | 0,00 | 0,42 |

***Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Индикатори умумии интегралии таваккали сармоягузорӣ дар ноҳияи Панҷакент (индекс 0,48), ш.Хуҷанд (0,45), ш.Гулистон (0,45) аз ҳама баланд аст, ки бо қимати баланди таваккали экологӣ, он ҳам бошад маҳз ба атмосфера партофтани моддаҳои зараровар алоқаманд аст. Дар ин қатор ноҳияҳои Мастчоҳ (0,35), сипас Ҷаббор Расулов (0,39), Шаҳристон (0,42)-ро номбар кардан мумкин аст, ки дар онҳо афзоиши индекси таваккал бо чунин унсурҳои таркибӣ, мисли иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст.

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи иқтидор ва таваккали сармоягузорӣ қимати ҷамъбастии фазои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар якчанд соли охир муайян карда шуд, ки дар расми 3 омадааст.




**Расми 3. – Фазои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ба ҳисоби фоиз**

Қимати ҷамъбастии фазои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки он дар ноҳияи Истаравшан нисбатан мусоид аст. Ба андозагирии фоизӣ он 34,5%-ро ташкил мекунад. Сипас, ш.Гулистон – 30,65%, ш.Хуҷанд – 28,14%, ноҳияҳои Б.Ғафуров – 27,17%, Айнӣ – 25,17%, Панҷакент – 23,96%, Исфара – 22,54% қарор доранд. Вале нишондиҳандаҳои ин шаҳру ноҳияҳо нисбатан беҳтаранд, дар асл бошад, онҳо аз рақамҳои матлуб назаррас пастанд, яъне дар муқоиса бо қимати ҳадди аксар аз 50 % ҳам камтар мебошанд. Индикатори фазои сармоягузорӣ дар шаҳри Истиқлол (9,09%), ҳамчунин дар ноҳияи Шаҳристон (9,83%) ҳатто аз 10% камтар аст. Арзёбии фазои сармоягузорӣ дар ноҳияҳо ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад ноҳияҳоро аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтидору таваккали сармоягузорӣ радабандӣ карда, оид ба беҳтар намудании фазои сармоягузорӣ тадбирҳои мувофиқ андешанд ва амалӣ гардонанд.

Дар боби севум – **“Дурнамои дар минтақа ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ”**- амсилаи таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа коркард шудааст, ҳамчунин афзалиятҳо дар сиёсати минтақавии иқтисодӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд.

Имрӯз маҳз сармоягузорӣ омили муайянкунандаи рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва устувории равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин қарина қайд кардан лозим аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд махсусан дар замони ҳозира бояд дар назди худ оид ба беҳтар намудани бизнес-фазо, таъмини рақобатпазирии ҳудудҳои худ мақсади муайяну қатъӣ гузошта, устуворона ба сӯи мақсадҳои муқарраргардида ҳаракат кунанд. Дар ин бобат дар ҳар шаҳр ва ноҳия таъсис додани шӯъбаи махсус оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мақсад мувофиқ аст. Шӯъбаи махсус набояд мақоми нав бошад, онро аз ҳисоби ихтисори ҷадвали штатии мавҷуда ташкил кардан мумкин аст.

Таъкид кардан зарур аст, ки алҳол сармоягузорӣ дар вилояти Суғд талаботи иқтисодиётро қонеъ намегардонад. Ин мулоҳизаро бо сохтани амсилаи иқтисодӣ-математикӣ мудаллал месозем. Дар иқтисодиёт афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) вазифаи муҳимтарин аст. Маҳз ҳамин индикатор тағйирёбандаи натиҷабахш (у) буда метавонад. Дар самти тағйирёбандаҳои омилӣ сармоягузориҳои умумии дохилиро бо % нисбат ба МММ ($x_1$), сармоягузориҳои хориҷиро дар минтақа бо % нисбат ба МММ ($x_2$), сармоягузориҳои қарзиро бо % нисбат ба МММ ($x_3$) ба сифати асос гирифтан мумкин аст.

Дар асоси ҳисобкуниҳо муқаррар карда шудааст, ки зичии алоқаи байни суръати самарабахши афзоиши МММ вилояти Суғд ва маҷмӯи аломатҳои омилӣ миёнаи мусбат аст, яъне ба коэффисиенти коррелятсия 0,6055 наздик аст. Коэффисиенти детерминатсияи баробар ба 0,3667 нишон медиҳад, ки дар сурати якхела будани шартҳои дигар тағйирёбии нишондиҳандаи натиҷабахш 36,67% аз аломатҳои омилии мавриди таҳқиқ вобаста аст. Бо ёрии коэффисиенти Фишер қиматнокии амсилаи регрессивиро муайян мекунем. Дар ин маврид $F_{факт.} > F_{табл.}$, яъне $2,895 > 0,69$ аст, ки қиматнокии амсилаи бисёромилаи регрессивӣ ва саҳеҳияти фарзияро ифода мекунад.

Дар асоси ҳисобкунӣ ва қиматҳои коэффисиенти чандирии аломатҳои омилӣ мундариҷаи муодилаи бисёромилаи коррелятсионӣ-регрессивӣ муайян карда шудааст, ки дар поён инъикос меёбад:

$$\mathbf{Y} = 6,88+0,162X_1 + 0,104X_2+0,152X_3$$

Ҳамин тариқ, байни аломатҳои омилӣ имрӯз дар рушди иқтисодиёт сармоягузориҳои дохилӣ қимати афзалиятнок дорад, ки зарурати ҳар чи бештар ҷалб кардани иқтидори минтақаро дар ҷойгиронии сармоягузорӣ пешбинӣ мекунад. Айни замон фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ бе дахолати мақомоти маҳаллии ҳокимият имконнопазир аст.

Вобаста ба ин равандҳои зерин бояд самтҳои асосии ташаккули фазои сармоягузорӣ гардад, ки ба ҷалби сармоягузорон нигаронида шудаанд:

- пурзӯр намудани нақши мақомоти минтақавии ҳокимият дар пешниҳоди имтиёзҳо ҳангоми пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҷониби сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ;
- ба вуҷуд овардани шароитҳои баробари рақобатии фаъолияти хоҷагидорӣ ба тамоми сармоягузорон новобаста аз шакли моликият;
- шароите, ки ба ҷойгиронии самарабахши сармоя ҳам дар буриши соҳавӣ ва ҳам ҳудудии иқтисодиёт мусоидат мекунад;
- аз байн бурдани монеаҳои расмии маъмурии вуруд ба бозори сармоя;
- мусоидат кардан ба ташаккули инфрасохтори муосири ниҳодии бозори сармоягузорӣ дар минтақаҳо, ки табдил додани захираҳои иқтисодиёти минтақавиро ба сармоягузорӣ ба истеҳсолот таъмин мекунанд.

Тамоюлҳои мазкури ташаккули фазои сармоягузорӣ ба баланд шудани самарабахшии сармоягузорӣ ба ҳар минтақаи алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба вилояти Суғд мусоидат мекунад.

Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла ба вилояти Суғд аз идоракунии самарабахши таваккалҳои сармоягузорӣ вобаста аст. Ҳамаи ин тадқиқи фаъолонаи мутобиқшавии ҷузъҳои таркибии илмӣ-тадқиқотӣ, методӣ, амалии сохтори фазои сармоягузороиро тақозо мекунад. Чи тавре ки натиҷаи тадқиқи таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, дар ин самт ташаккул додани гурӯҳи сармоягузорӣ, ба такмили фаъолияти иқтисодӣ ҳавасманд гардонидани тамоми субъектҳои иқтисодиёт хеле муҳим аст. Дар қарздиҳӣ ба саноат ва дар сиёсати сармоягузории вилояти Суғд маҳз ҳамин чиз мушоҳида

намешавад. Дар натиҷа қисми асосии сармоягузориҳо ба хариди молҳои нимтайёр ва таҷҳизоти хориҷӣ сарф мешавад. Шумораи сармоягузорони хориҷӣ дар вилояти Суғд хеле кам аст.

Бо вуҷуди ин дар вилояти Суғд минтақаи озоди иқтисодӣ мавҷуд аст, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ шароитҳои хуб дорад.

Ба мақсади дар мамлакат рафъ кардани номутавозинии ҳудудӣ баланд бардоштани иштиғоли аҳолӣ ва таъмини устувории иқтисодӣ амалӣ гардонидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ менамояд:

- зиёд кардани шумораи корхонаҳои коркард ва ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои амалкунада дар асоси технологияҳои муосир;
- инкишоф додани инфрасохтор бо назардошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар минтақа ва талаботи аҳолӣ;
- ба сармоягузороне, ки лоиҳаҳоро дар самти такмили соҳаи хизматрасонӣ ва сервис амалӣ мегардонанд, бо назардошти дурии ҳудуд аз маркази вилоят пешниҳод кардани имтиёзҳои иловагӣ.

Ҳамин тариқ, сиёсати сармоягузорӣ бояд дар минтақаҳо ба инкишофи афзалиятноки маҳсулоти рақобатпазир дар бозори беруна ва қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ, амиқрафти коркарди намудҳои асосии ашёи хоми кишоварзӣ нигаронида шуда бошад. Ба суханони дигар, амалӣ гардонидани сиёсати саноатӣ дар маҳалҳо дар дурнамои наздиктарин бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин самтгирӣ кунад:

- таҷдиди сохтори иқтисодиёт ва тақвияти самтияти иҷтимоии он;
- диверсификатсияи иқтидори содиротӣ;
- ба даст овардани амнияти экологии иқтисодиёт;
- таъмини иштиғоли аҳолӣ бо роҳи ҷойгиронии мусоиди нерӯҳои истеҳсолкунанда бо назардошти ҳаҷм, дарҷаи инкишоф ва азхуд шудани захираҳои барқароршаванда.

Дар ин қарина барои амалӣ гардонидани дигаргуниҳои сохтории нерӯҳои истеҳсолкунанда барномаи махсуси ҷалб ва ҷойгирнии лоиҳаҳои сармоягузориро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд то соли 2025 таҳия намудан лозим аст. Барномаи мазкур бояд номгӯи вазифаҳои аз ҳама муҳимро, ки татбиқи муқаррароти барномавии стратегияи миллии рушдро дар давраи то соли 2030 дар иқтисодиёти минтақа таъмин мекунанд, дарбар гирад.

Мутобиқан ба тағйир ёфтани талаботи кишоварзӣ бо ҷалби технологияҳои хориҷӣ амалӣ гардонидани таҷдиди соҳаи иқтидорҳои мошинсозии кишоварзӣ,  афзоиши иқтидори (дар илм самтҳои илмталаби) мошинсозӣ оид ба истеҳсоли доираи васеи маснуоти электротехникӣ, техникаи рӯзгор, асбобҳо, зиёд кардани истеҳсоли моторҳо пешбинӣ карда шудааст.

Бо ёрии сармоягузориҳои хориҷӣ ба вуҷуд овардани пойгоҳи сифатан нави техникӣ барои истеҳсоли калоба, матоъҳои абрешимӣ ва пахтагӣ, трикотаж, пойафзол ва маснуоти фахфурӣ (чинӣ) ба мақсад мувофиқ аст. Ташкил кардани шабакаи васеи истеҳсолоти ресандагӣ имкон медиҳад дар оянда саҳми нахи пахтаи дар вилоят коркардшаванда қариб ду баробар зиёд гардад. Ба туфайли ин миқёси рушди истеҳсолоти кешбофӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ вусъат меёбад, хелҳои истеҳсоли маҳсулоти тайёр васеъ мешавад, сохтори иқтидори содиротии минтақа беҳтар мегардад, истеҳсоли бисёр молҳои нав зиёд мешавад ва аз ворид намудани онҳо ба содир кардани онҳо гузаштан мумкин аст.

Дар саноати истихроҷи маъдан захираҳои бузурги афзоиши иқтидори содиротӣ ниҳон аст. Ба соҳа ҷалб кардани сармояи хориҷӣ имкон медиҳад дар давоми 2-3 сол хароҷотбарории маъданҳои нодир ба даст оварда шавад.

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани сатҳи техникии иқтидорҳои маҷмааи сохтмон, ба сатҳи ба стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ расонидани сифати маҳсулот имкон медиҳад.

Ба вуҷуд овардани маҷмӯи иқтидорҳои марбут ба саломатии миллат, аз ҷумла бо истифодаи рустаниҳои шифобахше, ки дар ноҳияҳои кӯҳистони вилояти Суғд мерӯянд, таъсис додани истеҳсолоти муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ оид ба истеҳсоли дорую давоҳои нодир аз ҷумлаи самти афзалиятноки истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ ба шумор меравад.

Умуман гузариш ба сифати нави рушди иқтисодӣ дар вилоят дар асоси ташаккули маҷмӯи соҳаҳои истеҳсолоти ба ҳам алоқаманд бунёдгузорӣ мешавад, ки марҳилаҳои пайдарпайи коркарди амиқи захираҳои минералию ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри илмӣ ва техникиро талаб менамояд, таъмин мекунад.

## III. ХУЛОСА
### Натиҷаҳои илмии диссертатсия

Тадқиқи ба субут расонида имкон дод хулосаю пешниҳодҳои зерин ироа карда шаванд:

1. Дар шароити муосир, ки ногузирии гузариш ба намуди инноватсионии рушд, амиқрафти ҷаҳонишавӣ, тақвияти муносибатҳои рақобатӣ возеҳу равшан гардидаанд, барои таъмини рушди устувори худии ҳар минтақаи алоҳида сармоягузории ҳарчӣ бештар тақозо карда мешавад, ки аз мусоидии шароитҳои ҷалби сармоягузорӣ аз тарафи муҳити беруна ва дохилӣ вобаста аст [3-М].

2. Дар илми иқтисод тадқиқоти зиёд ба муайян кардани моҳияти фазои сармоягузории минтақавӣ бахшида шудаанд. Дар бобати мундариҷаи он байни олимон иттифоқи оροъ ба назар намерасад. Вале олимон муттафиқ бар онанд, ки фазои сармоягузорӣ бояд қобилияти ҳар як минтақаи алоҳидаро дар бобати ҷалб ва ҷойгиронӣ, яъне қабули сармоягузорӣ тавсиф кунад. Аз ин нуқтаи назар мундариҷаи асосии фазо бояд унсурҳоеро, аз қабили сатҳи устувории иқтисодӣ, дастрасии захираҳо ба истифода, таваккалҳои эҳтимолӣ дар фазою вақти муайян фаро гирад [12-М].

3. Дар ҳар минтақа иқтидор ва таваккалҳои эҳтимолӣ ҷузъҳои фазои сармоягузорӣ ба шумор меравaнд. Ба унсурҳои иқтидори сармоягузорӣ мансубанд: табиӣ-захиравӣ, истеҳсолӣ, истеъмолӣ, инфрасохторӣ, ниҳодӣ, инноватсионӣ. Мундариҷаи таваккали сармоягузорӣ иборат аст аз: иқтисодӣ (норасоиҳо дар сохтори иқтисодиёт); иҷтимоӣ (ташаннуҷи иҷтимоӣ); экологӣ (ба атмосфера партофтани моддаҳои зараровар); молиявӣ (масоили буҷетӣ); ҷиноӣ (ҷинояткорӣ).

4. Арзёбии фазои сармоягузорӣ давр минтақаҳо аҳамияти назарӣ ва амалӣ дорад. Вале дар ин самт то ҳол мушкилоти муайян, аз ҷумла набудани методикаи ягонаи аз ҷониби умум эътирофгардида, мураккабии дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ; бисёрҷанбагии меъёрҳое, ки барои ҳисобкунӣ заруранд, мавҷуданд. Дар байни методикаҳо арзёбии маҷмӯии фазо дар асоси арзёбии интегралии нишондиҳандаҳои хусусии иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ аз ҳама паҳншуда аст. Дар баробари ин методи экспертӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессивӣ ва ғайра низ мавҷуданд [9-М].

5. Интихоби индикаторҳои хусусии иқтидори сармоягузории минтақа ва таваккали сармоягузориро асосан дар заминаи таҳлили сифатӣ амалӣ гардонидан мумкин аст. Ба қатори нишондиҳандаҳои хусусӣ суръати истеҳсолоти саноатӣ, бо роҳҳои автомобилии пӯшишаш сахт таъмин будани минтақа, сатҳи ҳаёти аҳолии минтақа, сатҳи ҷинояткорӣ, сатҳи ифлосшавии экологӣ; мавҷудияти захираҳои табиии минералӣ – ашёи хом ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Зарурати ба назар гирифтани мушаххасоти мазкур аз аҳамияти фавқулодаи онҳо барои сармоягузор бармеояд. Дар асоси ҳисобкарди онҳо нишондиҳандаи маҷмӯии (интегралии) фазои сармоягузорӣ андозагирӣ мешавад.

6. Дар солҳои 2010-2018 сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғд назаррас афзуд ва тамоюли мусбат дорад. Вале ҳаҷми он алҳол ба принсипҳои рушди устувор имкон намедиҳад ва

нисбат ба МММ дар сатҳи паст аст. Ҳамаи ин чунин маъно дорад, ки иқтисодиёти вилоят ҳанӯз дорои фазои ҷаззоби сармоягузорӣ нест [5-М].

7. Ҳиссаи асосии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғд асосан аз мамлакатҳои хориҷаи дур меояд. Ҳолати мазкур ду сабаб дошта метавонад: мамлакатҳои хориҷаи дур ё ба иқтисодиёти вилояти Суғд мароқи зиёд доранд ё дар ҷойгиронии сармоягузорӣ имкониятҳои молиявии калон доранд. Бинобар ин, вазифаҳои мушаххаси ниҳодиро муайян карда, барои тезонидани суръати сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба вилояти Суғд аз ҳисоби сармоягузориҳои дохилӣ ва ҷалби мамлакатҳои ИДМ ба сармоягузорӣ мақсад гузоштан лозим аст [6-М].

8. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар шаҳри Истиқлол, ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Зафаробод, Ашт, Спитамен сатҳи пасти истифодаи иқтидори сармоягузории худӣ ба мушоҳида мерасад. Нишондиҳандаи мазкур дар ҳудуди 0,126-0,235 қарор дорад, яъне дар ин минтақаҳо иқтидори сармоягузорӣ ҳамагӣ 12,6-23,5% истифода мешаваду халос. Шаҳру ноҳияҳои зерини вилояти Суғд иқтидори сармоягузории худиро нисбатан самарабахш истифода мебаранд: шаҳрҳои Гулистону Хуҷанд, ноҳияҳои Б.Ғафуров, Панҷакент, Истаравшан. Дар ин минтақаҳо индекси иқтидори сармоягузорӣ дар ҳудуди 0,432-0,555 қарор дорад.

9. Таваккали сармоягузорӣ нишондиҳандаи интегралӣ буда, аз маҷмӯи муайяни нишондиҳандаҳои хусусӣ иборат аст, ки мундариҷа- таваккалҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, ҷиноӣ, экологиро тавсиф мекунанд. Индикатори умумии интегралии таваккали сармоягузорӣ дар ноҳияи Панҷакент, шаҳрҳои Хуҷанду Гулистон аз ҳама баланд аст, ки бо қимати баланди таваккали иқтисодӣ марбут мебошад. Дар ноҳияҳои Шаҳристон, Мастчоҳ, Ҷ.Расулов таваккали баланд ба ҷузъҳои таркибии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст.

10. Дар асоси индикаторҳои иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ ҳисобкарди умумии нишондиҳандаи миёнаи фазои сармоягузорӣ дар андозагирии фоизӣ дар давоми солҳои охир ба амал оварда шуд. Дар вилояти Суғд фазои аз ҳама мусоиди сармоягузорӣ дар ноҳияи Истаравшан, шаҳрҳои Гулистону Хуҷанд ба мушоҳида мерасад. Қимати фазои сармоягузорӣ дар шаҳри Истиқлол ва ноҳияи Шаҳристон нисбатан паст аст.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Барои фаъолгардонии бозори сармоягузории минтақавӣ ва баланд бардоштани самарабахшии он тадбирҳои зеринро амалӣ гардонидан лозим аст:

- ташаккул додани барномаҳои минтақавии сармоягузорӣ бо назардошти афзалиятнокӣ, самарабахшии иқтисодӣ ва аҳамияти иҷтимоӣ [1-М];
- амалигардонии рӯйхатгирии вазъи объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ба мақсади муайян кардани сатҳи истифода;
- муқаррар кардани назорат ба харҷи маблағҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият дар бобати ҷойгиронии сармоягузориҳо;
- васеъ кардани манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа.

2. Дар вилояти Суғд соҳаҳои зеринро ба соҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ мансуб донистан мумкин аст [5-М]:

- дар кишоварзӣ: мелиоратсияи замин; интенсификатсияи истеҳсолоти аграрӣ; ташкили низоми захира кардану харидани маҳсулоти кишоварзӣ дар маҳалли истеҳсол;

- дар маҷмӯи саноатӣ: саноати мошинсозӣ, хӯрокворӣ, коркард, нерӯи барқ, саноати истихроҷ;

- маҷмӯи табиӣ: коркарди амиқи захираҳои табиӣ – ашёи хом дар манбаъҳои азхудшуда ва истифодаи манбаъҳои нав;

- дар соҳаи беруна: таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли маҳсулоти баландтехнология таҳти бренди минтақавии тоҷикӣ [9-М].

- дар соҳаи хизматрасонӣ: рушди индустрияи сайёҳӣ ба воситаи ба ин мақсад ба вуҷуд овардани асоси дахлдори ниҳодӣ.

3. Ба мақсади ба даст овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба назари мо тадбирҳои зеринро андешидан лозим аст:

- сода кардани қоидаи тартиби таъсис ва кушодани корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла ба ҳадди ақалл расонидани мӯҳлат ва хароҷоти масъалаҳои ташкилӣ [14-М];

- бо кадрҳои соҳибихтисос ва касбӣ таъмин кардани ҳамаи мақомоти назоратӣ ва маъмурии мақомоти ҳокимият, ба онҳо муқаррар намудани музди кори шоиста ба мақсади пешгирии тамаъҷӯӣ ва дахолатҳои зиёдатӣ;

- сабук кардани тартиби додани литсензия, рафъи саддҳо дар амалияи додани иҷозатномаҳои мухталиф [7-М];

- ташкили тадқиқоти муштараки пажӯҳишгоҳҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба баррасии иқтидори сармоягузорӣ ва арзёбии таваккали сармоягузорӣ;

- таъмини шаффофият, суроғавӣ будан ва аланияти ҳаҷми сармоягузории ба иқтисодиёти минтақа ҷалбшаванда;

- татбиқи тадбирҳо оид ба решакан кардани манбаъҳое, ки рушди коррупсия ва иқтисодиёти пинҳониро ангезиш медиҳанд ва ба онҳо мусоидат мекунанд [10-М];

- тақвияи масъулияти мақомоти минтақавии ҳокимият дар ҷалб ва ҷобаҷокунии сармоягузорӣ ба минтақа;

- ба вуҷуд овардани шароитҳои баробари рақобатии фаъолияти хоҷагидорӣ барои ҳамаи сармоягузорон новобаста аз шакли моликият.

Амалӣ гардонидани тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани дараҷаи истифодаи иқтидори сармоягузорӣ, коҳиши таваккалҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад, ки дар ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар минтақаҳои вилояти Суғди Тоҷикистон инъикос меёбад.

## IV. Номгӯи асарҳои дар мавзӯи диссертатсия чопшуда

### а) мақолаҳое, ки дар Феҳрасти маҷаллаю нашрияҳои пешбари тақризшавандаи тавсиядодаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шуда, нашр гардидаанд:

[1-М] Нуриллоев, Х.Р. На пути к развитию инвестиционного климата в Республике Таджикистан [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2013. - № 2/7 (123). – С. 203-207.

[2-М] Нуриллоев, Х.Р. Роль инвестиций производственных предприятий с участием иностранных капиталовложений в национальной экономике [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2014. - № 2/3 (135). – С. 285-290.

[3-М] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиционный климат в переходной экономике: сущность, содержание и структура [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2014. – № 2/9 (151). – С. 111-116.

[4-М] Нуриллоев, Х.Р. Приоритетные аспекты совершенствования инвестиционного климата в экономической политике Таджикистана [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2015. – № 2/3 (165). – С. 265-270.

[5-М] Нуриллоев, Х.Р. Согдийская область – благоприятный экономический потенциал для инвестиционных проектов [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Учёные записки ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Серия: Естественные и экономические науки. – Худжанд, 2019. - № 4. – С. 122-126.

[6-М] Нуриллоев, Х.Р. Механизми формирования благоприятного инвестиционного климата в современной экономике Согдийской области Республики Таджикистан [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Учёные записки ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Серия: Естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. - № 1. – С. 127-130.

[7-М] Нуриллоев, Х.Р. Некоторые факторы, влияющие на инвестиционный климат в регионе [Текст] / З.А. Самадова, Х.Р. Нуриллоев // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2020. - № 2 (83). – С.48-54.

**б) мақолаҳое, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо нашр гардидаанд:**

[8-М] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиции и цифровая экономика / Х.Р. Нуриллоев // Развитие науки и практика её реализации в период формирования цифровой экономики: материалы республиканской научно-практической конференции (г. Худжанд, 24-25 декабря 2019 г.). - Худжанд, 2019. – С. 167-172.

[9-М] Нуриллоев, Х.Р. Состояние инвестиционного климата Согдийской области Республики Таджикистан: проблемы и особенности / Х.Р. Нуриллоев // Развитие предпринимательской и инвестиционной деятельности в современных условиях: материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 27-28 декабря 2019 г.). – Душанбе, 2019. – С. 64-68.

[10-М] Нуриллоев, Х.Р. Пути и механизмы улучшения инвестиционного климата в современном Таджикистане / Х.Р. Нуриллоев // Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост: материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 6-7 мая 2014 г.). - Душанбе, 2014. – С. 148-155.

[11-М] Нуриллоев, Х.Р. Монетарные аспекты совершенствования инвестиционного климата в экономической политике Таджикистана / Х.Р. Нуриллоев // Тенденции развития экономики и высшего образования в условиях глаболизации: материалы второй международной научно-практической конференции (г. Душанбе,16-17 мая 2014 г.). – Душанбе, 2014. – С. 262-267.

[12-М] Нуриллоев, Х.Р. Инвестиционный климат [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Института предпринимательства и сервиса. – Душанбе: Сохибкор, 2011. – № 23. – С. 141-146.

[13-М] Нуриллоев, Х.Р. Социально-экономические особенности инвестиционной деятельности в трансформационной экономике / Х.Р. Нуриллоев // Экономические достижения Республики Таджикистан в годы независимости (сборник статей профессоров, преподавателей и молодых учёных экономических факультетов в честь 80-летия ХГУ имени академика Б. Гафурова). – Худжанд: Нури маърифат, 2012. – С. 134-138.

[14-М] Нуриллоев, Х.Р. Некоторые вопросы совершенствования экономико-правовых основ инвестиционной активносты в Республике Таджикистан / Х.Р. Нуриллоев // Научные горизонты (сборник статей преподавателей и магистрантов факультета телекоммуникаций и информационных технологий). - Худжанд: Нури маърифат, 2017. – С. 58-67.

**Аннотация**

на диссертацию Нуриллоева Хушбахта Рузиматовича на тему “Формирование благоприятного инвестиционного климата в экономике Согдийской области Республики Таджикистан”, представленной на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством (региональная экономика)

**Ключевые слова:** экономика региона, инвестиция, инвестиционный климат региона, теоретико-методические основы исследования инвестиционного климата, инвестиционный потенциаль региона, инвестиционный риск, инвестиционная политика, инвестиционная деятельность.

**Актуальность темы диссертационного исследования.** В Республике Таджикистан в годы суверенитета в результате различных кризисов во всех областях в начале рыночных реформ наблюдались серьезные потери производственного потенциала, то есть каждому региону был нанесен серьезный удар. Без инвестиций в экономику каждого региона решение отмеченных проблем крайне затруднено. В этом аспекте, как показывает мировой опыт, для привлечения и оптимизации использования инвестиций прежде всего необходимо формирование благоприятного инвестиционного климата в регионе, который будет мотивировать всех субъектов экономики к вложению капитала. Таким образом, можно утверждать, что сегодня одной из актуальных задач в развитии регионов является создание благоприятной инвестиционной среды, позволяющей привлечь вложение капитала и обеспечить конкурентоспособность каждой региональной социально-экономической системы. Это предопределяет своевременность и необходимость исследования формирования благоприятного инвестиционного климата в Согдийской области РТ.

**Объектом исследования** являются экономические отношения, связанные с инвестиционной активностью всех субъектов экономики в региональной социально-экономической системе.

**Предметом исследования** является формирование благоприятного инвестиционного климата в Согдийской области Таджикистана в современных условиях.

**Целью диссертационного исследования** является развитие теоретических аспектов инвестиций, разработка научных основ и практических рекомендаций по формированию благоприятного регионального инвестиционного климата для привлечения как иностранных, так и отечественных инвестиций в экономику Согдийской области Республики Таджикистан.

**Научная новизна диссертации** заключается в развитии теории регионального инвестиционного климата, оценка его состояния в экономике региона, а также в разработке комплекса мер по повышению благоприятности инвестиционного климата в Согдийской области Республики Таджикистан. В процессе исследования получены следующие результаты, определяющие научную новизну и являющиеся предметом защиты: предложена собственная трактовка дефиниции «инвестиционный климат региона», систематизированы теоретические подходы к исследованию регионального инвестиционного климата, аргументировано, что не имеется единой методики оценки регионального инвестиционного климата, предложено, что для условий Согдийской области приемлемой является методика, основанная на интегральной комплексной оценке частных индикаторов инвестиционного потенциала и инвестиционных рисков, доказано, что, хотя инвестиционная активность в экономике Согдийской области ежегодно растет, но оценивается как недостаточная и неравномерно размещенная, дана оценка инвестиционного потенциала региона, которая осуществлена на основе расчета значений составляющих его компонентов.

# Аннотатсия

ба диссертатсияи Нуриллоев Хушбахт Рузиматович дар мавзӯи “Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ).

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти минтақа, сармоя, фазои сармоягузории минтақа, асосҳои назариявӣ – методии тадқиқотӣ фазои сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузории минтақа, таваккалии сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ.

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ**. Дар солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи бӯҳронҳои мухталиф дар оғози истилоҳоти бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳо талафи ҷиддии иқтидори истеҳсолӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ибораи дигар, ба ҳар минтақа зарбаи ҷиддӣ расонида шуда буд. Ҳалли масъалаҳои мазкур бидуни сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҳар минтақа хеле мушкил аст. Дар ин самт, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, барои ҷалб ва оптимизатсияи истифодаи сармоягузориҳо, пеш аз ҳама, дар минтақа ташаккул додани фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст, ки ба ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт дар гузоштани сармоя ангеза мебахшад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки имрӯз дар рушди минтақаҳо ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини рақобатпазирии ҳар низоми минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ имкон медиҳад, яке аз вазифаҳои мубрам ба шумор меравад. Ин нуқта саривақтӣ будан ва зарурати тадқиқи ташакули фазои мусоиди сармоягузориро дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

**Объекти тадқиқ** муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки бо фаъолнокии сармоягузории ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа марбутанд.

**Предмети тадқиқ** ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади диссертатсия инкишофи ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ, коркарди асосҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузории минтақавӣ барои ҷалби ҳам сармояҳои хориҷӣ ва ҳам ватанӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар инкишофи назарияи фазои минтақавии сармоягузорӣ, арзёбии вазъи он дар иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин коркарди маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур меёбад. Ба натиҷаҳои асосии тадқиқот, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд ва ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мансубанд: муносибатҳои назарӣ ба тадқиқи фазои минтақавии сармоягузорӣ низомбандӣ намуда, дар асоси он мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии фазои мазкур аниқ карда шудааст, мудаллал карда шудааст, ки методикаи ягонаи арзёбии фазои минтақавии сармоягузорӣ вуҷуд надорад, исбот карда шудаст, ки ҳарчанд фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳар сол меафзояд, он чун фаъолнокии ғайрикофӣ ва нобаробар ҷойгиршуда арзёбӣ мегардад, арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа пешниҳод гардидааст, ки дар асоси ҳисобкунии қиматҳои ҷузъҳои таркибии он, аз ҷумла истеҳсолӣ, истеъмолӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионӣ амалӣ шудааст.

# Annotation

for the dissertation of Nurilloev Khushbakht Ruzimatovich on the topic "Formation of a favorable investment climate in the economy of the Sughd region of the Republic of Tajikistan", submitted for the degree of candidate of economic sciences in specialty 08.00.05 - Economics and management of the national economy (regional economics)

**Key words:** regional economy, investment, investment climate of the region, theoretical and methodological foundations of the study of the investment climate, investment potential of the region, investment risk, investment policy, investment activity.

**Relevance of the topic of dissertation research.** Serious losses of production potential were observed in the Republic of Tajikistan during the years of sovereignty as a result of various crises in all areas at the beginning of market reforms, that is, each region suffered a serious blow. It is extremely difficult to solve the above problems without investments in the economy of each region. In this aspect, as world experience shows, in order to attract and optimize the use of investments, first of all, it is necessary to create a favorable investment climate in the region, which will motivate all economic entities to invest capital. Thus, it can be argued that today one of the urgent tasks in the development of regions is the creation of a favorable investment environment that allows attracting capital investment and ensuring the competitiveness of each regional socio-economic system. This predetermines the timeliness and need to study the formation of a favorable investment climate in the Sughd region of the Republic of Tajikistan.

**The object of the research is** economic relations associated with the investment activity of all economic entities in the regional socio-economic system.

**The subject of this research is** the formation of a favorable investment climate in the Sughd region of Tajikistan in modern conditions.

**The purpose of the dissertation research is** to develop the theoretical aspects of investment, work out scientific foundations and practical recommendations for the formation of a favorable regional investment climate for attracting both foreign and domestic investments in the economy of the Sughd region of the Republic of Tajikistan.

**The scientific novelty of the dissertation lies** in the development of the theory of the regional investment climate, an assessment of its state in the economy of the region, as well as in the development of a set of measures to increase the favorable investment climate in the Sughd region of the Republic of Tajikistan.

In the course of the study, the following results were obtained, which determine the scientific novelty and are the subject of defense: an own interpretation of the definition of the "investment climate of the region" is proposed, theoretical approaches to the study of the regional investment climate are systematized, it is argued that there is no single methodology for assessing the regional investment climate, conditions of the Sughd region, a method based on an integral comprehensive assessment of private indicators of investment potential and investment risks is acceptable, it is proved that, although investment activity in the economy of the Sughd region grows annually, but is assessed as insufficient and unevenly distributed, an assessment of the investment potential of the region is given, which is carried out on the basis of calculating the values of its constituent components.